# ҶАВОНОН ОЯНДАИ МИЛЛАТАНД


ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №9-10 (109-110) 23-ЮМИ МАЙИ СОЛИ 2019, ПАНҶШАНБЕ


ДАР ИН ШУМОРА:


ТАҲЛИЛИ РӮЗИ ҒАЛАБА ДАР ФАКУЛТЕТ — с. 2

ИНКИШОФИ НИЗОМИ ДАВЛАТИЮ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ХАТАРҲО ВА ТАҲДИДҲОИ НАВИ ГЛОБАЛӢ — с. 3

АЗ ҶАРАЁНИ КОРИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ — с. 4-5

ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТ — с. 7

НАЗАРЕ БА ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДОИ КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ — с. 8-9

ҶАМЪОВАРӢ ВА ИСТИФОДА НАМУДАНИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ — с. 13




Ҳукумати Тоҷикистон ҷавононро неруи тавонои созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат меҳисобад ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои вобаста ба зиндагӣ ва таҳсилу фаъолияти онҳоро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии худ эътироф менамояд.

Гузашта аз ин, Ҳукумати Тоҷикистон ҳифзу пойдории истиқлолияти миллӣ, бунёди давлати муосиру пешрафта ва рушди ояндаи онро ба иштироки фаъолона ва саҳми бевоситаи ҷавонон вобаста медонад ва бо истифода аз имконоти мавҷуда кӯшиш мекунад, ки вазъи иҷтимоиву иқтисодии наврасону ҷавонон мунтазам беҳтар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо ҳамаи шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар ҷаҳонбинӣ ва назару андешаи ҷавонон таҳаввулоти куллӣ ба вуҷуд омада, имрӯз гуфтору рафтор, одобу ахлоқ ва муносибати онҳо ба зиндагӣ бамаротиб беҳтар гардидааст ва ҷавонони мо ҳоло дар корҳои давлативу ҷамъиятӣ саҳми арзишманд гузошта истодаанд.

Имрӯз ҷавонони мо доир ба мафҳумҳои ҳувияти миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва масъалаҳои ҷамъиятиву давлатӣ назари солиму огоҳона ва диди густурда доранд, ки ин нишонаи возеҳи ташаккулёбии мафкураи соҳибватанӣ ва хештаншиносии насли ояндасози мамлакат мебошад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир:
Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
профессори кафедари ҳуқуқи граждани академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-99-29. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ҒАЛАБА ДАР ФАКУЛТЕТ





Бо ибтикори садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва кафедраи забонҳои хориҷӣ санаи 7-уми майи соли 2019 вохӯрии судманди иштирокчии бевоситаи ҶБВ Ҳалимов Ҳайдар, раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат аз н. Сино Аслонов Маҳкам ва котиби масъули Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати ш. Душанбе Пирумов Партав бо донишҷӯён ва устодони факултет баргузор гардид.

Дар суханронии ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. меҳмононро ба боргоҳи илму маърифат хайрамақдам намуда, ҳозиринро ба муносибати 74-умин солгарди Иди Ғалаба бар фашизм табрик намуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки заҳмату талошҳои фарзандони фарзонаи миллати тоҷик дар ғалаба намудан ба фашизм бениҳоят бузург буда, давлату ҳукумати кишвар хизматҳои содиконаи эшонро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накарда, пайваста қадр менамояд.

Сипас, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ҳалимов Ҳайдар ба ҳозирин аз ҳаёт ва фаъолияти худ, лаҳзаҳои хотирмони муҳорибаҳои Сталинград, асорати Ленинград ва Иди Ғалаба дар шаҳри Берлин соли 1945 ҷашн гирифтанро ба хотир овард.

Раиси Шӯрои собиқадорони ҶБВ оид ба ҳаёти кӯдакони солҳои ҷанг ҳикоят намуда, донишҷӯёнро ба ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, шукргузорӣ аз ҳаёти осоишта, софдилона баҳри ободии Ватан меҳнат карданро ҳидоят намуд.

Баъдан, барномаи тарбиявӣ-фарҳангӣ бахшида ба 74-умин солгарди Иди Ғалаба бар фашизм, ки аз ҷониби як қатор донишҷӯёни факултет омода гардида буд, пешкаши ҳозирин гардонида шуд.

Пас аз анҷоми барномаи фарҳангӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. меҳмононро бо тухфаҳои хотирмон қадрдонӣ намуданд.

# ТАШРИФИ ПРОФЕССОР ГРИБ ВЛАДИСЛАВ ВАЛЕРЕВИЧ БА ФАКУЛТЕТ





Санаи 13-уми майи соли 2019 дар факултети ҳуқуқшиносӣ вохӯрии олими варзидаи рус профессор Гриб Владислав Валеревич – ректори Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисоди ба номи А.С. Грибоедов, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Федератсияи Россия, Раиси комиссияи назорати ҷамъиятӣ ва ҳамкорӣ бо Шӯроҳои ҷамъиятии палатаи ҷамъиятӣ, Сармуҳаррири гурӯҳи нашриётии «Юрист» бо доираи васеи устодон, аспирантон ва муҳаққиқони ҷавони факултети ҳуқуқшиносӣ доир гардид. Ҳамзамон дар вохӯрӣ намояндагони Раёсати ДМТ, садорати факултет ва дигар роҳбарони воҳидҳои сохтории факултет ҳузур доштанд.

Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек ҳусни оғоз бахшида, ташрифи меҳмони гиромиқадрро ба факултет хайра мақдам гуфтанд.

Зимни мулоқот профессор Гриб В.В. доир ба вазъи кунунӣ ва дурнамои проблемаҳои илми ҳуқуқшиносӣ бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ маърӯза карда, мазмуну моҳияти онҳоро шарҳу тавзеҳ дод. Ҳамзамон андешаву назари хешро дар иртибот ба низоми таълимии дузинагӣ (бакалавр, магистр) баён сохта, афзуданд, ки ҳамеша омодаанд бо марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии Тоҷикистон, махсусан факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамкориҳои муфид ва мутақобилан судманди дуҷонибаро ба роҳ монанд.

Баъдан, миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ва иқтисоди ба номи А.С. Грибоедов созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

**Таҳияи**
**Парвиз АБДУЛЛОЗОДА**

# ЗАБОН ДОНӢ – ҶАҲОН ДОНӢ



Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дар ҳамбастагӣ бо Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода озмуни беҳтарин забондони хориҷиро таҳти унвони «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ» миёни донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва коллеҷу литсейҳои ҳудуди шаҳри Душанбе доир намуд.

Мавриди ба зикр аст, ки озмун дар се давр баргузор гардида, даври ниҳоии он таърихи 17-уми майи соли 2019 ҷамъбаст гардид.

Мақсад аз баргузории озмуни мазкур дарёфти чеҳраҳои забондон, тарғиби омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ҳавасмандгардонии донишҷӯён барои рушду малакаи забондонӣ дар заминаи дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар бар меояд, мебошад.

Боиси хушнудист, ки дар озмуни мазкур донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ иштироки фаъолона намуда, Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба таври шоён намояндагӣ намуданд ва сазовори зинаҳои ифтихорӣ низ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯи соли 1-уми ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ) Ҳоҷаев Ҳилолиддин дар озмун аз забони хитойӣ иштирок намуда, сазовори ҷойи 2-юм ва «Ифтихорнома»-и кумитаи тадорукот гардид. Инчунин, донишҷӯи соли 3-юми ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (ҳуқуқ) Камолова Муҳайё аз забони англисӣ иштирок намуда, сазовори ҷойи 3-юм ва «Ифтихорнома»-и кумитаи тадорукот гардид.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари



ҳуқуқшинос» Ҳоҷаев Ҳ. ва Камолова М.-ро бо ин дастовардашон самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи баланди қуллаҳои илмро таманно менамоянд.

**Таҳияи**
**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА**

# ИНКИШОФИ НИЗОМИ ДАВЛАТИЮ ҲУҚУҚИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ХАТАРҲО ВА ТАҲДИДҲОИ НАВИ ГЛОБАЛӢ

Таҳти ин унвон санаи 15 майи соли равон конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бо ташаббуси кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид. Ҳамоиши илмии мазкур бо дарназардошти афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳони муосир, аз он ҷумла дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид. Дар паёмҳо, баромадҳо, суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мунтазам таъкид карда мешавад, ки таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили терроризми байналхалқӣ, экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии моводи муҳаддир ва дигар ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат хатари бевосита дорад. Яке аз роҳҳои муқовимат ба таҳдидҳо ва хатарҳои глобалӣ ин таҳқиқоти илмии ҳаматарафа ва воқеъбинонаи хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ махсуб мешавад. Аз ин хотир, конференсияи мазкур бо иштироки доираи васеи олимону муҳаққиқон баргузор гардида, дар он зарурати таҳқиқи минбаъдаи илмии таҳдидҳо ва хатарҳои нави глобалӣ собит гардид.





Конференсияи ҷумҳуриявиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, аҳамияти баргузории чунин чорабиниҳои илмиро баён намуданд. Мавсуф иброз доштанд, ки дар воқеъ, хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ, аз қабили ҷиноятҳои компютерӣ, истифодаи нодурусти шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷангҳои иттилоотӣ ба рушду инкишофи низоми давлативу ҳуқуқии на танҳо Тоҷикистони соҳибистиқлол, балки ба ҷомеаи имрӯза таъсирбахш аст. Аз ин рӯ, баргузорӣ ва ташкили чунин конфронси ҷумҳуриявӣ барои инкишофи низоми давлативу ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла ҳифзи амнияти кишвар, баланд бардоштани тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирӣ аз моилшавӣ ба ҳар гуна гурӯҳу ҳаракатҳои террористиву ифротгарой саривақтӣ мебошад ва он таклифу пешниҳодҳое, ки аз тарафи маърӯзачиён садо дода мешаванд, дар рушду инкишофи низоми давлативу ҳуқуқӣ, иҷрои вазифаҳо ва ҳадафҳои стратегии кишвар саҳми худро мегузоранд.

Бо дарназардошти гуногунҷанба будани мавзӯи интихобшудаи конференсия дар кори он намояндагони соҳаҳои гуногуни илми ҷумҳурӣ, аз ҷумла ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, таърих, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ иштирок ва суханронӣ намуданд. Ҳамзамон, дар кори конференсия намояндагон аз Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, Вазорати корҳои дохилӣ, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ иштирок ва маърӯза намуданд. Дар асоси барномаи омодагардида маърӯзаҳои иштирокунандагон ҷамъомад шунида шуд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**

# ҲАШТОД МУБОРАК УСТОДИ АЗИЗ!

**Гиромидошти илм, эътибори олим ва кадршиносии устод дар ҳама давру замон миёни оламиён на танҳо зарур, балки воҷиб низ ҳаст.**

Мутафаккирон илмро тоҷи сар, олимро шаҳи баҳру бар ва устодро пеш аз падар зикр кардаанд. ДМТ яке аз он марказҳои бузурги илмию таълимист, ки на танҳо дар тарбияи донишҷӯён, балки дар рушди шахсиятҳои маърифӣ кишвар саҳмгузор аст. Дар ин маҳзани илму маърифат бузургтарин нобиғаҳо таҳсил ва кору фаъолият кардаанд, ки эшон имрӯз зинатафзои диёри шукуҳманди мо мебошанд. Устоди азиз, Неъмат Абдуллоев аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсиятҳо ҳастанд, ки солиёни зиёд дар ҷодаи илму таълим, маорифу фарҳанг, донишу маърифат, фазилату хирад ва камолоти маънавии ҷомеа ба халқу миллат содиқона хизмат мегузоранд. Аз рӯзҳои аввали донишҷӯӣ то ҳанӯз чеҳраи кушод, лаҳни шево ва ҷазоби муаллими азизу меҳрубонам – Неъмат Абдуллоев шавқу ҳаваси моро ба соҳаи ҳуқуқшиносӣ мунтазам афзудааст ва то ҳанӯз он шавқу ҳавас ба таври рӯзафзун боқӣ мондааст. Роҳнамоиҳои устод буд, ки баъди хатми донишгоҳ моро ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ба кор қабул карданд. Инчунин бо тавсияи эшон барои анҷоми рисолаи номзадӣ ба шаҳри Москва фиристода шудам, ки аз ин гуна дастгириҳои устод як умр миннатдорам. Шахсан, ман аз он ифтихормандам, ки аз чунин устоди мӯътабар сабақ гирифтам ва шогирди бевоситаи устод ҳастам.



Устоди арҷманди мо, Н.А. Абдуллоев аз зумраи нафарони барӯманд ва бошарофате маҳсуб мешаванд, ки рӯзгору пайкораш барои ҳазорон нафар шогирдон ва пайравони роҳи илм мактаби ҳаёт, мактаби риёзат ва махсусан, тавфиқ дар ҷодаи даст ёфтан ба ганҷи мақсуд гардидааст. Ин аст, ки Н.Абдуллоевро аҳли меҳнату заҳмати ДМТ ва ҳазорон шогирдон, ки таҳсилгирифтаи факултети ҳуқуқшиносӣ ҳастанд, чун шахси ҳалиму меҳрубон ва донишманду матинирода мешиносанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯриашон бо зиёиёни кишвар қайд намуда буданд: «....зиёӣ будан ғайр аз соҳибмаълумот ва донишманд будан, дили васеи пурмеҳр доштан, ватанпараст, меҳнатдӯст будан, соҳиби хислатҳои инсонпарварӣ ва башардӯстӣ будан аст....». Дар ҳақиқат, ин суханон сармашқу пешаи Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ дотсент Неъмат Абдуллоев мебошанд.

**Боиси сарфарозӣ ва ифтихори Раёсати ДМТ, садорат, устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аст, ки имрӯз устоди арҷманди факултет, чеҳраи шинохтаи илми ҳуқуқшиносӣ, инсони шарифу олими маъруф, ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуллоев Н.А., ба синни мубораки 80 расиданд.**

Соли равон барои устод Абдуллоев Н.А., ва хонадони азизашон, фарзандону пайвандон, ҳамкасбону ҳамкорон ва шогирдон соли хотирмону таърихист. Аз ин хотир, ман низ яке аз шогирдони эшон ба мавҷи табрикот ҳамроҳ гардида, устод Н.А. Абдуллоевичро бо фарорасии ин санаи сайид табрики муборакбод намуда, барояшон умри дароз, тансиҳатию рӯзгори босаодатро таманно менамоям.

**Наргис ХОҶАЕВА**
**муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон**

# ҒОЛИБИЯТ МУБОРАК!



Ҳамасола донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар риштаҳои гуногуни варзиш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

Таърихи 3-5-уми майи соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб мусобиқаи варзишӣ оид ба гӯштини тарзи озод миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ баргузор гардид, ки дар он донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштироки фаъолона намуда, сазовори зинаҳои ифтихорӣ гардиданд. Аз ҷумла, донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ Роибов Бузургмеҳр зери роҳбарии муаллими кафедраи тарбияи ҷисмонӣ Бухориев Абдулазиз дар ин мусобиқаи сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, дар вазни 97 кг сазовори ҷойи дуюм гардид.

Садорати факултет ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» Роибов Б.-ро бо ин дастовардаш табрик намуда, ба ӯ дар ҷодаи варзиш ва касби пешанамудааш фатҳи қуллаҳои баландро орзу менамоянд.

**Таҳияи**
**Абдулазиз БУХОРИЕВ**
**устоди кафедраи тарбияи ҷисмонии ДМТ**

# АЗ ҶАРАЁНИ КОРИ КОМИССИЯИ

Дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 5-уми апрели соли 2019 имтиҳонҳои давлатии хатмкунандагони соли таҳсили 2018-2019 доир ба ихтисосҳо, дифои корҳои хатмкунӣ, рисолаҳои дипломӣ ва магистрӣ оғоз гардидааст. Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносӣ панҷ комиссияи аттестатсионии хатм: чор комиссия дар шуъбаи рӯзона ва як комиссия дар шуъбаи ғоибона фаъолият карда истодаанд. Дар шуъбаи рӯзона комиссияи якумро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод раисӣ менамояд. Комиссияи дуюм бошад, тахти роҳбарии раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳаммад Шоҳиён фаъолият карда истодааст. Комиссияи сеюмро Директори маркази













# АТТЕСТАТСИОНИИ ХАТМ

**миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Изатулло Ҳабибулло сарварӣ менамояд. Комиссияи чорумро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия Золотухин Алексей Валеревич ба уҳда дорад.**

**Дар шуъбаи ғоибона ва маълумоти дуюм раиси комиссияро раиси Кумита оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амнияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Маҷидзода Ҷурахон сарварӣ менамояд.**

**То имрӯз раисон ва аъзои комиссияҳои аттестатсионии хатм сатҳи дониш ва саводнокии хатмкунандагони факултетро қаноатбахш арзёбӣ намудаанд.**









# ПАНДИ УСТОД – РОҲНАМОИ ЗИНДАГӢ

Таҳсил дар донишгоҳ яке аз лаҳзаҳои беҳтарини ҳаёт ба шумор меравад.

Панҷ сол пеш бо нияту орзуҳои зиёде бори аввал ҳамчун донишҷӯ ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қадам гузошта будам ва ба зуддӣ эҳсос намудам, ки дар як муҳити бо илму ҳикмат ва саршор аз меҳрум муҳаббат қарор дорам. Имрӯз ҳатто боварам намеояд, ки хатмкунандааму 5 соли умри ҷавони хешро беҳуда сарф накарда, дар ин даргоҳи ояндасоз ба касби илму ҳунар бахшидаам. Орзуи деринаи ман ҷомаи амал пӯшид. Худро имрӯз хушбахт меҳисобам, хушбахт аз он, ки тӯли 5 соли таҳсил дар ин макони илму маърифат ба комёбиҳои назаррас ноил гашта, бо кӯшишу талошҳои зиёд ва дастгириҳои устодони арҷмандам дар қатори беҳтарин хатмкунандагон ба гирифтани «Дипломи аъло» сазовор гаштам.

Лаҳзаҳои донишҷӯӣ ба мисли хазинаи бебаҳо дар хотираҳо, дар ёдҳо нақш хоҳанд баст. Дар ин даргоҳи илму ҳунар ману ҳамсабақонам бо бисёр устодони варзида аз наздик шиносоӣ пайдо намуда, аз онҳо сирру асрори касбӣ омӯхтем. Панду насиҳатҳои падаронаи устодон ба таври абадӣ роҳнамои кору зиндагиамон хоҳанд гашт. Кӯшиш менамоем, ки ҳар кадоми онҳоро дар як гӯшаи қалби пурҷӯши ҷавониамон ҷой дода, барои халқу ватани хеш хизмати софдилонаи худро дареғ надорем.

Ранҷи шабонарӯзии устодони мушфиқу сахтгирамон буд, ки имрӯз мо як зумра ҷавонони хуштолеъ аз ин даргоҳи муқаддас ҳамчун мутахассисони ҷавони соҳаи ҳуқуқ берун мешавем.

Аз фурсат истифода бурда, ба ректори донишгоҳ, муҳтарам Имомзода М.С., декани факултет муҳтарам Раҳмон Д.С., муовини декан Мирзозода П.З. ва ҳамаи устодоне, ки тӯли 5 сол ба мо сабақ омӯзонданд, аз сидқи дил миннатдорӣ изҳор намуда, гуфтаниям:

**Шуморо обрӯ**
**бошад ҳамеша,**
**Баланд аз қуллаҳои**
**кӯҳсорон.**
**Мусаффо бод ҳар рӯзи**
**накутон,**
**Ба мисли обҳои**
**чашмасорон.**



Меҳрона МИРБОБОЕВА
хатмкунандаи факултети
ҳуқуқшиносӣ

**Дар маҷаллаи илмӣ-иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (№ 1 (25), соли 2019) мақолаи доктороне илми ҳуқуқ Бобоҷонов И.Х. ва Диноршоев А.М. бо номи «Масоили баҳсноки танзими ҳуқуқии мафҳуми «бадани инсон» (саҳ. 36-58) оид ба масъалаи муомилоти узвҳои инсон ба ҳайси объекти ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқҳои гражданӣ, ба нашр расид, ки мутаассифона бе назардошти фалсафаи ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун илм, ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, дар маҷмӯъ, инчунин моҳият ва мазмуни объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ, махсусан, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар мақола аз ҷониби муаллифони гиромӣ як қатор хулосабарориҳои баҳснок пешниҳод карда шудаанд.**

# МАГАР УЗВҲОИ ИНСОН ЧУН ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚҲОИ ГРАЖДАНӢ ЭЪТИРОФ МЕШАВАНД?

Вобаста ба ин, бо ибрози ҳурмату эҳтиром ба муаллифони гиромиқадр, мехоҳем, ки як қатор хулосаҳои дар мақола дарҷгардидаро аз лиҳози илми ҳуқуқи гражданӣ таҳлил намуда, баҳснокии онро илман собит намоем.

Пеш аз ҳама қайд намуданӣ ҳастем, ки дар мақолаи мазкур категорияи «узвҳои инсон» шартан дар маънои васеъ, ки дарбаргирандаи ҳам узвҳо ва ҳам бофтаҳои инсон мебошад, мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар ҳуқуқи гражданӣ ба сифати объектони ҳуқуқҳои гражданӣ (яъне, объекти ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ) неъматҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ (бо ибораи васеъ – молу мулк) ва неъматҳо ва ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ баромад менамоянд.

Неъматҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сифати объектони муомилоти ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф карда мешаванд, зеро онҳо имконияти аз як субъект ба субъекти дигар гузаштанро доро буда, маҳз дар ҳамин асос онҳо дорои арзиши пулии худ мебошанд. Баръакси ин объектҳо, неъматҳо ва ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ ба сифати молу мулк эътироф карда нашуда, онҳо дорои арзиши пулии худ нестанд ва дар муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ ширкат наметварзанд, яъне бо ибораи дигар аз як субъекти ҳуқуқи гражданӣ ба дигар субъект намегузаранд.

Ба сифати яке аз чунин неъматҳои шахсии ғайри молу мулкӣ ҳаёти инсон эътироф карда шуда, он ба сифати объекти муомилоти гражданӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда намешавад ва аз як субъект ба субъекти дигар дар ягон ҳолат намегузарад. Бояд қайд намуд, ки чун объекти ҳуқуқҳои эътироф шудани ҳаёти инсон аз он сабаб мебошад, ки ҳуқуқи гражданӣ низ чун дигар соҳаҳои ҳуқуқ хаёти инсонро чун неъмати бебаҳо қадрдонӣ намуда, онро ҳимоя менамояд. Маҳз барои ҳамин ҳам, ҳарчанде ки ҳаёти инсон ба сифати объекти муомилоти гражданӣ баромад накунад ҳам, аммо бо мақсади ҳимоя ҳуқуқи гражданӣ онро ба сифати объект эътироф намуд.

Қобили тазаккур аст, ки узвҳои инсон дар ҳуқуқи гражданӣ ба сифати объект дарҷ карда нашудаанд. Новобаста аз ин, чӣ гунае муаллифони мақола дарҷ менамоянд, азбаски номгӯйи объектони ҳуқуқи гражданӣ пӯшида нест, пас ба ақидаи онҳо узвҳои инсон метавонанд ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф карда шаванд (саҳ.51).

Чунин «хулоса» баҳснок буда, ба моҳият ва реҷаи ҳуқуқии объектони алоҳидаи ҳуқуқҳои гражданӣ мухолиф мебошад. Зеро, дар қонунгузории гражданӣ дарҷи объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ мутобиқи қоидаи «аз кулл ба ҷуз», яъне аз кулл – неъматҳо ва ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва неъматҳо ва ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ - ба ҷуз – намудҳои онҳо ба роҳ монда шудаанд.



Бо сабаби он ки муносибатҳои молу мулкӣ инкишофёбанда мебошанд, бо ин васила қонунгузории гражданӣ ҷиҳати садди роҳи чунин инкишофи қонунгузорӣ нашудан, номгӯйи объектони алоҳидаи ҳуқуқҳои гражданиро кушода дарҷ намуд. Аммо, ин маънои онро надорад, ки бо истифодаи аз ин тамоми ба ном «объектон» ба сифати объектони ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф карда шаванд. Зеро, дилхоҳ объекте, ки «мехоҳад» ба сифати объекти ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф карда шавад, ба талаботи умумии объектон, яъне қоидаҳои кулл бояд ҷавобгӯй бошад. Бо ибораи дигар, ин объект ё ин ки ба сифати неъмат ё ҳуқуқи молу мулкӣ ва ё ба сифати неъмат ва ҳуқуқҳои шахсии ғайри молу мулкӣ бояд эътироф карда шавад, дорои арзиши муайян бошад ва дар муомилоти гражданӣ ширкат варзад.

Албатта, гуфтан мумкин аст, ки узвҳои инсон дорои арзиши худ буда, дар муомилоти гражданӣ ширкат хоҳанд варзид. Аз як нуқтаи назар, масъалаи гузошташуда шояд дуруст ва бебаҳс вонамуд шавад, масалан шахс мехоҳад ин ё он узви худро ба дигаре фурӯшад ва арзиши онро муайян менамояд ва ҳатто «харидоре» онро «харидорӣ» менамояд. Аммо, чунин хулосабарорӣ нодуруст мебошад, зеро ки ба ғайр аз муқаррароти умумии дар боло дарҷгардида вобаста ба объектони ҳуқуқҳои гражданӣ инчунин ҳар як объект дар ҳуқуқи гражданӣ дорои реҷаи ҳуқуқии худ буда, маҳз дар асоси муқаррароти ин реҷаи ҳуқуқӣ дар муомилоти гражданӣ ширкат меварзад. Бо ин назардошт, объектони ҳуқуқҳои гражданӣ ба сифати объектони ҳуқуқҳои ашёӣ, ҳуқуқҳои ӯҳдадорӣ, ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ва дигар ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ, ки ин ҳуқуқҳо вобаста ба объекти худ гуногунтабиат мебошанд, баромад менамоянд. Масалан, агар ашёи инфирод ба сифати объекти ҳуқуқи моликият баромад намояд, пас он дар асоси ба расмият даровардани шартномаҳои гуногун, ба сифати объекти муносибатҳои ӯҳдадорӣ-ҳуқуқӣ баромад намуда, дар ин муносибатҳо тарафҳои он дорои як қатор ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо мегарданд. Аз ҷумла, масалан, дар шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда ҳуқуқ дорад, ки бекор кардани шартномаро бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯй набудани ашёи фурӯхташуда, талаб намояд. Тасаввур намоед, ки агар ба сифати ашё дар ин ҳолат узви инсон «фурӯхта» шуда бошад.

Агар узви инсон ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф карда мешуданд, пас бо ин талаби «харидор» бинобар сабаби ба талабот ҷавобгӯй набудани ин узви одам, ки дар ин асно ба сифати мол баромад менамояд, он ба фурӯшанда баргардонида мешавад.

Ҳолатеро тасаввур намоед!!! – як гурдаи инсон, ки ба дигаре «фурӯхта» шуда буд, бинобар сабаби он ки дуруст фаъолият накардааст, бозпас гардонида мешавад.

Чунин ҳолат албатта нодуруст буда, ҳуқуқи гражданӣ бо назардошти он ки дар ин ҷо сухан дар бораи ҳаёт ва саломатии инсон сухан меравад, ба ин гуна ҳолат «иҷозат» нахоҳад дод.

Дар ин ҷо бояд қайд намуд, ки муаллифони мақола ба таври нодуруст муқаррароти моддаи 143-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ дода, ба чунин «хулоса» меоянд, ки гӯё азбаски дар ин модда муқаррарот дар бораи манъ будани фурӯши узвҳои одам дарҷ шудааст, пас ҳадя намудани он мумкин аст (саҳ.52). Албатта, ин ҳолат низ номумкин аст, зеро объекти шартномаи ҳадя низ узви инсон баромад карда наметавонад, зеро шартномаи ҳадя низ чун дигар муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад.

Масалан, тибқи шартномаи ҳадя ҳадякунанда ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои дарҷкардаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 611) ҳадяро бекор намояд.

Пас, агар дар ҳолати ҷой доштани ҳадяи «гурда» ва ба миён омадани ҳолате ки дар муқаррароти моддаи 611-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст, ҳадякунандаи «гурда» ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки «гурда»-и ҳадяшуда ба ҳадякунанда бозпас баргардонида шавад. Ин ҳолат магар дуруст аст? Албатта, не. Барои ҳамин ҳам, моддаи 143-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми «манъи фурӯш» тариқи умумӣ манъи музднок бегона намудани узвҳои одамро дар назар дорад, ки чунин хулоса аз муқаррароти дигар моддаҳои Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Дар фарҷоми ин мақола мехоҳем оид ба як масъалаи дигар диққати хонандагони гиромиро равона намоем. Дар мақолаи худ аз ҷониби муаллифон бо мақсади асоснок намудани ақидаи худ аз яке аз олимони машҳури советӣ, профессор, яке аз мутахассисони варзидаи илми ҳуқуқи гражданӣ О.С. Иоффе иснод оварда шудааст. Бояд қайд намуд, ки О.С. Иоффе барои инкишофи ҳуқуқи гражданӣ хеле саҳми арзанда гузошта, ҳарчанде ҳам қайд карда бошад, ки «объектони ҳуқуқи моликият на танҳо хусусияти табиӣ доранд, балки дар ҷараёни меҳнат, коркард, низ пайдо мешаванд», онро дар назар дошт, ки ин ё он ашёи инфирод, ки ба ҳайси объекти ҳуқуқи моликият баромад менамояд, субъектон маҳз дар ҷараёни меҳнат ба даст оварда, ин гуна объектон табиатан ташаккул намеёбанд. Чунин ақидаи



**Фирӯз СУЛАЙМОНОВ**
**дотсенти кафедраи**
**ҳуқуқи байналмилалӣ**

О.С Иоффе сарчашмаи худро аз назарияи илмии Карл Маркс гирифта, минбаъд онро дар илми ҳуқуқшиносӣ ва аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқи гражданӣ яке аз дигар олимони барҷастаи илми ҳуқуқи граждании советӣ академик А.В.Венедиктов таҳлил ва дарҷ намудааст. Аз ин лиҳоз, консепсияи ин олимони барҷаста, ҳарчанде ки муаллифони мақола ин ҳолатро тарафдорӣ накунанд ҳам, нисбати ҷароҳат умуман татбиқ карда намешавад, зеро он мазмун ва моҳияти дигар равандҳоро дар назар дорад.

Дар фарҷом бояд қайд намуд, ки гуфтаҳои боло, дар маҷмӯъ, шаҳодат аз он медиҳанд, ки узвҳои инсон ба сифати объекти ҳуқуқҳои гражданӣ дар ягон ҳолат баромад наменамоянд.

Инчунин, бояд донист, ки илми ҳуқуқи гражданӣ, новобаста аз фаррох буданаш, ҳангоми таҳлил намудани ин ё он мавзӯе, ки қисмати таркибии он мебошад, талаб менамояд, ки таҳлили мавзӯъ бояд бо назардошти дигар махсусиятҳои илми ҳуқуқи гражданӣ амалӣ гардонида шавад. Бо ибораи дигар, хулосабарорӣ дар як мавзӯъ бояд бо дар назардошти дигар мавзӯъҳо, ки ҳамаи онҳо ба ҳам алоқаманд мебошанд, сурат гирад.

# ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ ХАТМКУНАНДАГОНИ ФАКУЛТЕТ



Санаи 16 майи соли 2019 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақсимоти давлатии хатмкунандагони курсҳои 5 ва 4 баргузор гардид.

Дар робита бо масъалаи тақсимот ба унвонии беш аз 35 роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои ҶТ, судҳо, сохторҳои ҳифзи



ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ дар хусуси замон ва макони баргузории тақсимоти хатмкунандагон мактуби расмӣ ирсол шуда буд.

Дар тақсимот намояндагони Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати мудофиаи ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ, Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, Сарраёсати иҷрои ҷазои Вазорати адлияи ҶТ, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ иштирок доштанд.

Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуданд, ки дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ бо назардошти омилҳои гуногун зарурияти омода намудани ҳуқуқшиносони насли муосир, ки ҳаматарафа аз донишҳои ҳуқуқӣ бархурдор буда, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ, пос доштани арзишу суннатҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлат, гиромидошти тамомияти арзӣ ва якпорчагии Тоҷикистон тарбия ёфтаанд, ба миён меояд. Ҳуқуқшиносони насли муосир бояд нафароне бошанд, ки ҷиҳати таъмини адолат, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини амният дар кишвар ҷидду ҷаҳд дошта бошанд. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пойгоҳи асосии омода намудани кадрҳои ҳуқуқшинос дар кишвар ба ҳисобрафта, дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳо пайваста талош менамояд.

Имрӯз таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои ҷавони баландихтисос ва ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат дар маркази сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Аз ин рӯ, аз ҳамаи намояндагони ниҳодҳои давлатӣ даъват ба амал оварда шуд, ки аз фурсати муносиб истифода намуда, кадрҳои тахассусманд ва дилхоҳи худро интихоб намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки



тақсимоти имсола нисбат ба солҳои қаблӣ дар шакли нав сурат гирифт. Дар толори калон намояндагони мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо донишҷӯёни хатмкунанда рӯ ба рӯ нишаста суҳбати озоду шафоф доир намуданд.

Сипас, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади



илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. хатмкунандагони факултет, ки номзад ба гирифтани дипломи аълочӣ ҳастанд ва тӯли 4 ё 5 сол дар гурӯҳи буҷавии донишгоҳ таҳсил намудаанд, ба ҳозирин як ба як муаррифӣ намуданд. Хурсандибахш аст, ки ҳамаи ҳозиромадагон кадрҳои дилхоҳи худро пайдо намуда, интихоб карданд.

Дар маҷмӯъ иштирокчиён баргузор гардидани тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавонро иқдоми неке дар роҳи таъмини мақомоти давлатӣ бо кадрҳои лаёқатманд ҳисобида, аз ин ташаббуси факултет, ки ҳамасола роҳандозӣ мегардад, изҳори сипос намуданд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба роҳбарони сохторҳое, ки дар тақсимоти давлатии мутахассисони ҷавон иштироки намояндагони худро таъмин намуданд ва ба дастпарварони факултет таваҷҷуҳ зоҳир карданд, изҳори ташаккур менамояд.



# НАЗАРЕ БА ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДОИ КАФЕДРАИ



**Маҳмудов Изатулло Тешаевич**
-н.и.ҳ., дотсент



**Абдуллоев Неъмат**
-н.и.ҳ., дотсент



**Искандаров Зайниддин**
-д.и.ҳ., профессор



**Бахриддинзода Субҳиддин**
-н.и.ҳ., дотсент



**Ғафуров Хайрулло**
-н.и.ҳ., дотсент

## ТАЪСИСИ КАФЕДРА СОЛИ 1973

Соли 1973 дар факултети ҳуқуқшиносӣ кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ таъсис дода шуд, ки таълими фанҳои суд ва адолати судӣ дар ИҶШС, мурофиаи ҷиноятӣ ва граждании шӯравӣ, назорати прокурорӣ, криминология, психологияи судӣ, тибби судӣ, этикаи судӣ, бухгалтерияи судӣ, омори судӣ ва ҳамзамон курсҳои махсуси виктимология, адвокатура, проблемаҳои рӯзмарраи мурофиаи гражданӣ, тафтишоти пешакӣ ва судиро таъмин мекард.



**Сафиева Муборак**
-ассистент



**Раҳимов Мумин**
-ассистент



**Ҷалолов Холиқ**
-ассистент



**Негматов Баҳодур**
-ассистент



**Раҷабов Абдуҷаббор**
-ассистент

## АСОСГУЗОРИ КАФЕДРА – МЕЛКУМОВ ВЛАДИМИР ГАВРИЛОВИЧ

Ташаббускор ва бунёдгузори кафедраи мазкур олими машҳур, доктори илми ҳуқуқ, профессор Мелкумов Владимир Гаврилович буданд, ки то соли 1988 дар ин вазифа сарбаландона фаъолият кардаанд. Устодро метавон яке аз асосгузорони назарияи илми назорати прокурории давлати шуравӣ шумурд. Зеро тадқиқотҳои анҷомдодаи ӯ дар соҳаи назорати умумии прокурорӣ то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони соҳа ҳамчун сарчашмаҳои нодир мавриди корҳои тадқиқотӣ фаровон истифода мешаванд. Тадқиқотҳои гузаронидаи профессор Мелкумов В. Г. на танҳо дар дохил, балки миёни доираҳои васеи мактабҳои илмии хориҷи кишвар маҳбубиятро сазовор буданд. Аз ин рӯ, дар давоми фаъолияти кории худ ба ҳайси мудири кафедра ба масъалаи таълифи маводҳои таълимӣ, монографияҳо ва дастурҳои методӣ аҳамияти бештаре медоданд. Ба онҳо имкон доданд, ки олимони маъруфро дар кафедра ҷамъ намоянд. Аксарияти омӯзгорони кафедра олимони эътирофшуда буданд. Чунончӣ, дотсент Л.В. Франк асосгузори равияи нави илмӣ-виктимология (илм дар бораи қурбониҳои ҷиноят) маҳсуб мешуд. Дотсент Ҷ.Р. Ҷалилов дар инкишофи илми мурофиаи гражданӣ саҳми зиёде гузоштааст. Хидмати бузурги дотсент А.Д. Тартаковскийро, ки масъалаҳои пешгирии шиканҷа ва вазъи ҳолатҳои криминологиву виктимологиро ҳангоми шиканҷа таҳқиқ кардааст, махсусан хотирнишон бояд сохт. Ҳамзамон саҳми устодони кафедра В.П. Коновалова, Н.А. Абдуллоев, Ҷ.С. Орипов, И.А. Агабабовян дар бобати пешбурди тадқиқотҳои муфиди илмӣ дар ин давра назаррас буданд. Онҳо ҳамчун устодони забардаст ва донишмандони касби хеш маъруфият доштанд. Тӯли солҳои 1973-1984 кафедра ба комёбиҳои назаррас ноил шуд. Дар ин давра, бо заҳмату талошҳои устодони кафедра беш аз 100 корҳои илмиву тадқиқотӣ доир ба самтҳои афзалиятноки илмии кафедра нашр карда шуданд. Ҳамзамон, дар ин миён робитаҳои устувори илмӣ бо олимони машҳури марказҳои илмию таълимии ИҶШС ба роҳ монда шуда буд.

Давраи минбаъдаи рушди кафедра ба фаъолияти олими маъруф Ҷалилов Ҷабор Раҷабович рост меояд. Мавсуф дар вазифаи мудири кафедра солҳои 1988-1990 фаъолият доштанд. Анҷом додани корҳои муфиди тадқиқотӣ, навиштани монографияву мақолаҳои илмӣ, дастуру васоити таълимӣ, таъмини ҷараёни муътадили таълим аз самтҳои афзалиятноки кормандони кафедра ба хисоб мерафт. Хусусан, нақши калони мудири кафедра, дотсент Ҷалилов Ҷ.Р.-ро дар пешрафти илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ қайд кардан ҷоиз аст. Дар ин давра устоди кафедра С.Ш. Болтуев сарбаландона рисолаи номзадии худро химоя намуданд.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ – ДАВРАИ НАВИ РУШДИ КАФЕДРА

Давраи минбаъдаи рушди кафедра ба замони Истиқлолияти давлатӣ рост меояд. Роҳбарии кафедраро дар замони Истиқлолияти давлатӣ номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Абдуллоев Неъмат Абдуллоевич ба зимма доштанд. Номбурда дар ин вазифа аз соли 1990 то моҳи июни соли 2008 фаъолият кардаанд. Давраи мазкур бо як қатор хусусиятҳои хеш дар қиёс ба марҳилаҳои пешин фарқ мекард. Аввалан, он нуқта қобили зикр аст, ки фаъолияти кафедра дар ин давра бо назардошти вазъи ногувори сиёсӣ ва иқтисодии кишвар (солҳои 1991-1992) бо мушкилотҳои зиёде мувоҷеҳ гашт. Мушкилии асосии кафедра ин нарасидани устодони фанҳои тадрисшаванда буд. Бо назардошти вазъи баамаломада, чандин устодон кафедраро тарк намуда бо ихтиёри худ аз вазифа рафтанд. Роҳбарияти кафедраро зарур буд, ки дар навбати аввал диққати асосиро ба интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо ва таъмини ҷараёни муътадили таълим равон намояд. Бо азму кӯшишҳои устод дар давоми солҳои 1991-1992 як зумра ҷавонони боистеъдод ба монанди Баҳриддинов С.Э, Искандаров З.Ҳ, Фозилов Н.Н. аз ҳисоби хатмкунандагони факултет ба кафедра ба кор кабул шуданд. Маҳз натиҷаи дуруст роҳандозӣ шудани сиёсати илмии кафедра буд, ки устодони кафедра Бахриддинов С.Э. ва Искандаров З.Ҳ. соли 1996 сарбаландона рисолахои номзадии худро ҳимоя намуданд.

## АБДУЛЛОЕВ НЕЪМАТ АБДУЛЛОЕВИЧ СОЛҲОИ 1990-2008 РОҲБАРИИ КАФЕДРАРО БАР УҲДА ДОШТ

Ҳамчунин бо ташаббуси мудири кафедра Н.А. Абдуллоев давоми солхои 1999-2001 як зумра ҷавонон, аз қабили Фахриддинова Л., Маҳмудов И.Т., Х.М. Ғафуров ва солхои 2006-2008 Мирзоев С.Б., Раҷабов А.Н. ва Авзалов А.Х. ба ҳайси ассистент ба кор кабул карда шуданд. Устодони кафедра Х.М. Ғафуров ва И.Т. Маҳмудов бо мусоидати кафедра бо марказҳои бонуфузи илмии шаҳри Москав ба ҳайси унвонҷӯ ва аспирант робитаҳои муфиди илмиро ба роҳ монданд. Солҳои 2006 дар Академияи давлатии ҳуқуқии Маскав ассистенти кафедра Х.М. Ғафуров ва 2008 бошад муаллими калон И.Т. Маҳмудов дар Академияи Прокуратураи генералии Федератсияи Россия рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуда ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми ҳуқуқ мушарраф гаштанд. Саҳми муаллими калон Н.Н.Фозилов-ро низ махсус қайд кардан зарур аст. Мавсуф дар хусуси паҳлуҳои алоҳидаи институтҳои илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ матолиби пурарзишеро интишор намудааст. Тадқиқотҳои илмии худро дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди падидаи шахсони иштирокчии парванда дар мурофиаи граждании Тоҷикистони шуравӣ ва пасошуравӣ» ба анҷом расонида дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадӣ қарор дорад.

Хизматҳои содиқонаи устод Н.А. Абдуллоев дар рушди илми ҳуқуқ ва тайёр намудани мутахассисон бо медали «Шарафи меҳнат», нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1998 бо унвони ифтихории «Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадршиносӣ гаштааст. Ёддовар бояд шуд, ки 14 майи соли равон аз замони чашм ба олами ҳастӣ кушодани устоди азиз 80 - сол пур мешавад. Бо истифода аз имкони

# ҲУҚУҚИ СУДӢ ВА НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ



**Фозилов Насимҷон**
**-муаллими калон**



**Абдуллоев Парвиз**
**-н.и.ҳ., дотсент**



**Хоҷаева Наргис**
**-муаллимаи калон**



**Неъматуллоев Умед**
**-номзади илмҳои ҳуқуқ**



**Авзалов Ардашер**
**-ассистент**



**Исоев Комёр**
**-ассистент**



**Шоқулова Сафаргул**
**-ассистент**



**Ғанизода Умед**
**-ассистент**



**Собиров Миралӣ**
**-ассистент**



**Охунова Наргис**
**-мудири кабинет**

муносиб ҷашни мавлудро ба устод самимона табрик гуфта ба ӯ, пеш аз ҳама тансиҳатӣ, умри дароз, муваффақият дар касбу кор ва саодату барори рӯзгорро таманно менамоям.

Тӯли чандин солҳо доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, шодравон Кенҷаев С.К. дар кафедра аз фанни назорати прокурорӣ низ дарс мегуфтанд.

Аз моҳи июни соли 2008 то моҳи апрели 2013 роҳбарии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурориро доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров Зайниддин Ҳомидович ба уҳда доштанд. Номбурда соли 2010 дар Донишкадаи ҳуқуқии Тошканд рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд.

Дар ин давра, устодони ҷавон Хоҷаева Н.Б., Сафиева М.С., Абдуллоев П.С., Раҳимов М.С. ва Ҷалолов Х.Ғ. ба вазифаи ассистент ба кор қабул шудаанд. Соли 2011 устод Искандаров З.Ҳ. барои хизматҳо арзанда дар ҳаёти илмиву таълимӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардонида шуданд.

## АЙНИ ҲОЛ МУДИРИ КАФЕДРА МАҲМУДОВ ИЗАТУЛЛО

Аз соли 2013 то инҷониб масъулияти иҷрои вазифаи мудири кафедраро номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Маҳмудов Изатулло Тешаевич ба зимма доранд. Номбурда соли 2010 бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ, соли 2012 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2015 бошад бо мукофоти давлатии медали «Хизмати шоиста» қадрдонӣ шудааст. Дар ин муддат, ба кафедра як гурӯҳ ҷавонони умедбахш, аз қабили Неъматов Б.С., Неъматуллоев У.Э., Исоев К.М., Шоқулова С.И., Ғанизода У.Ғ., Собиров М.Ш. ҳамчун ассистент ба кор қабул шуда сарбаландона фаъолият доранд. Дар ин муддат устоди кафедра Абдуллоев П.С. соли 2014 дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В Ломоносов ва ассистент Неъматуллоев У.Э. дар заминаи Шӯрои миллии дифоъ рисолаҳои номзадӣ ҳимоя карданд.

## ДУРНАМОИ КАФЕДРА ДАР БАХШИ ТАЪЛИМ, ТАРБИЯ ВА КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ

Айни замон самтҳои афзалиятноки кафедра барои солҳои наздик ва дурнамо дар бахши таълим, тарбия ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ муайян шудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки айни замон дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ таълими фанҳои мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, назорати прокурорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, криминология, психологияи юридикӣ, этикаи касбии ҳуқуқшиносӣ ва ҳамзамон курсҳои махсуси мурофиаи судии иқтисодӣ, адвокатураи судӣ, далелҳо ва исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавии давраи тафтишоти пешакӣ, иштироки прокурор дар суд (малакаи касбӣ), нотариат, стандартҳои байналмиллалӣ оид ба муҳокимаи одилонаи судӣ ба амал бароварда мешаванд.

Густариши ҳамкориҳои муфиди корӣ ва муҳайё намудани заминаҳои боэътимоди ҳарордодиву ҳуқуқӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми судӣ ва дигар ташкилотҳои давлативу ғайридавлатии ҳуқуқмуҳофизавӣ дар кафедра, ки бо ташаббуси роҳбарони кафедра роҳандозӣ шуда буданд, вусъати тоза пайдо карда ин анъанаи нек имрӯзҳо аз ҷониби шогирдон сарбаландона идома дорад. Бо мақсади пайвастани илм бо истеҳсолот ва дар ин замина бархӯрдор намудани донишҷӯён аз навгониҳои қонунгузории амалкунанда, фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, муаммоҳои илмӣ-амалии мақомоти тафтишотию прокурорӣ ва низоми судӣ бо ташаббуси кафедра чанд тан аз кормандони амалӣ ба ҷараёни таълим ҷалб шудаанд.

## БАҲАМОРИИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ ДАР ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

Хусусан саҳми доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, шодравон С.К. Кенҷаев ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қ.А. Мирзоеваро, ки солиёни дароз аз фанни назорати прокурорӣ ба донишҷӯён дарс мегуфтанд, месазад қайд намуд. Миёни онҳо метавон бо ифтихор номи кормандони масъули мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Прокурори генералии кишвар Раҳмон Ю.А., прокурори ноҳияи Рӯдакӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Шаҳидуллозода Муҳаммадвалӣ, муовини сардори Раёсати Прокуратураи генералӣ Рауфов Ф.Х., прокурори калони Раёсати назорати умумии Прокуратураи генералӣ Салимзода Т.Н. ва собиқ муовини раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Фатҳудинов В.-ро ном бурд.

## ҲАМКОРИҲОИ КАФЕДРА

Кафедра бо як қатор мактоби олӣ ва марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии кишварҳои узви ИДМ бо мақсади тайёр намудани мутахассисон равобити муфид барқарор намудааст. Аз ҷумла, чунин ҳамкориҳои дуҷониба бо кафедраҳои дахлдори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов, Донишгоҳи давлатии дӯстии халқҳо, Академияи давлатии ҳуқуқшиносии Маскав, Донишкадаи давлатии юридикии Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Академияи прокуратураи генералии Федератсияи Россия ба роҳ монда шудаанд.

## ПАЙРАВӢ АЗ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

Боиси ифтихор аст, ки соли равон аз замони таъсиси факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 70-сол сипарӣ мешавад. Мусаллам аст, ки аз замони таъсис то кунун факултет роҳи басо бошараферо тай намуда, ба як маркази бонуфузи илмию таълимии кишвар ва омода кардани кадрҳои арзандаи ҳуқуқшинос табдил ёфтааст. Дастовардҳои ин маркази муътабари илму хирад дар рушду пешрафти соҳаҳои ҳаёти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва тарбияи мутахассисони лаёқатманд беназиранд. Бароямон шараф аст, ки ҳайати устодону кормандони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар ба даст овардани комёбиҳои факултети азизамон дар самти фаъолияти илмию таълимӣ ва тарбиявӣ саҳми арзанда доранд. Умедворем, ки аз ҷониби устодону кормандони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ низ дар оянда бо пайравӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои шоиставу арзандае дар ҷодаи таълиму тарбияи шогирдон, тайёр намудани мутахассисони соҳибкасб ва афзун намудани нишондодҳо анҷом дода мешаванд.

**Изатулло МАҲМУДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

# РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ

**Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз замони таъсис то кунун роҳи пурифтихореро тай намуда ба яке аз марказҳои асосӣ ва бонуфузи омода кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи ҳуқуқ ва олимони барҷастаи ҳуқуқшинос табдил ёфтааст. Дар давоми 70 соли фаъолияти ин махзани бошукӯҳи илму ирфон ва боргоҳи таълиму тарбия онро ҳазорон нафар ҷавонони ватандӯст ва бонангу номуси тоҷик сарбаландона хатм намуда, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат фаъолият карда истодаанд. Гузашта аз ин, тайи ин солҳо факултети ҳуқуқшиносӣ ба як макони бузурги омода кардани кадрҳои лаёқатманди илмӣ-таҳқиқотӣ, олимони маъруфу шуҳратёр ва ходимони ҷамъиятиву сиёсӣ табдил ёфтааст.**



Дар радифи садҳо олимони маъруфу соҳибмактаби тоҷик, ки маҳз бо туфайли факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун шахсияти баркамол ба воя расида шинохта шудаанд, метавон бо ифтихор номи инсони шарифу накӯсиришт, марди фозилу тавоно, олими маъруф, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, яке аз асосгузорони илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Абдуллоев Неъматро ба забон овард. Аз он шоду масрурем, ки устоди азизу меҳрубони мо Абдуллоев Неъмат санаи 14 майи соли ҷорӣ дар айёми шукуфтанҳои фасли нозанини сол-баҳори гулбасар синни мубораки 80-ро пур мекунанд. Бо истифода аз фурсати муносиб бо камоли эҳтирому садоқатмандӣ устоди мухтарамро ба ҳаштодумин баҳори умрашон самимона табрик намуда, барояшон тансиҳатии бардавом, офияту иқболи баланд, файзу баракати зиндагӣ, ризқи фаровон, рӯзгори пурнишот, шодкомиву бурдборӣ, саодату фараҳмандиро орзумандам.

Устод Неъмат Абдуллоев 14 майи соли 1939 дар деҳаи Ноҷии боло, шӯрои деҳоти Мирзо-Ризо, колхози Москваи ноҳияи Ҳисор дар оилаи аҳли фазл чашм ба олами ҳастӣ кушода, овони бачагӣ ва ҷавонии худро дар ҳамин маҳал паси сар намудаанд. Таҳсилоти миёнаи умумиро солҳои 1947-1957 дар мактаби миёнаи зодгоҳаш ба номи А. Фирдавсӣ бардошта, сипас солҳои 1957-1958 дар колхози ба номи Москва ба ҳайси аъзои бригадаи сохтмонӣ фаъолият кардааст. Баъди адои сарбаландонаи хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1958-1961 мавсуф ҷиҳати дар амал пиёда намудани орзуву маромҳои хеш камари ҳиммат бастанд. Маҳз бо ҳамин ниятҳои нек Устод Неъмат Абдуллоев тобистони соли 1961 ба сӯйи пойтахти Ватан - Душанбешаҳри азиз роҳ пеша карданд. Натиҷаи меҳнату заҳмати ҳамешагӣ дар ниҳоят ӯро пас аз бобарор супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ соли 1961 ба унвони пурифтихори донишҷӯйи шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин сазовор гардонид. Номбурда донишгоҳро соли 1966 бо дипломи аъло хатм намуд. Овони донишҷӯйӣ ӯ ҳамчун ҷавони фаъолу боинтизом, серғайрату намуна, ҷиддию масъулиятнок аз дигар ҳамсабақон фарқ мекард ва нисбат ба илму донишандӯзӣ бо ҳисси кунҷковӣ ва майлу рағбати беандоза муносибат мекард. Ҳамчун донишҷӯйи масъулиятпеша аз иштирокчиёни фаъоли маҳфилҳои илмии факултет буд. Табиист, ки чунин амалу рафтор ва муносибати ҷиддии ӯ ба ҳаёти илмиву таълимӣ аз назари устодони сахтгиру меҳрубон пинҳон намонд. Маҳз ҳамин сифатҳои неки донишҷӯйи аълохон ва қобилияти баланди ҷавони умедбахшу соҳибистеъдодро ба инобат гирифта, роҳбарияти вақтии факултет ӯро барои идомаи фаъолият ва пешбурди корҳои илмиву таҳқиқотӣ дар факултет роҳбаладӣ карданд. Аз ин рӯ, устоди азиз аз зумраи он кадрҳои асил ҳастанд, ки охири солҳои шастум ва ибтидои солҳои ҳафтодуми қарни гузашта дар қатори дигар донишмандони тоҷик аз қабили Очилбой Усмонов, Раҳмон Ҷабборов, Абдуманон Мавлонов, Ашурбой Имомов, Ҳалим Салимов, Зумрад Ямоқова ва дигарон дар факултет ба фаъолияти доманадори илмию омӯзгорӣ пардохтанд.

Устод солҳои 1966-1967 дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати лаборанти кафедра фаъолият карда аз соли 1967 то соли 1970 ҳамчун аспиранти ин кафедра таҳсилро идома медиҳад. Аз моҳи октябри соли 1970 то октябри соли 1972 ба ҳайси муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ кор кардааст. Баъд аз анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 17 майи соли 1971 дар мавзӯи «Принсипи забони миллии истеҳсолот дар мурофиаи ҷиноятии советӣ» рисолаи номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуд. Аз замони таъсиси кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар сохтори донишгоҳ (соли 1973) то ба имрӯз фаъолияти меҳнатии устод Абдуллоев Неъматулло ба ҳамин кафедра алоқаманд аст. Аз соли 1973 ин ҷониб дар вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кору фаъолият мекунад.

Устоди мухтарам Неъматулло Абдуллоев аз соли 1991 то моҳи июни соли 2008 роҳбарии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории донишгоҳро ба зимма доштанд. Дар ин давра, дар кафедра муҳити солими кориро фароҳам оварда ба мақсади дуруст ташкил ва ба роҳ мондани ҷараёни таълим корҳои зиёдеро анҷом додааст. Дастовардҳои кафедра дар самтҳои таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва методӣ назаррас буданд. Номбурда дар ин давра, барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омода ва ҳимоя кардани рисолаҳои номзадиву докторӣ, нашри мақолаву корҳои илмӣ, китобҳои дарсиву васоити таълимӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекарданд. Инчунин бо ташаббусу кӯшишҳои устод давоми солҳои 1991-1992 як зумра ҷавонони боистеъдод ва донишманд аз ҳисоби хатмкунандагони факултет ба монанди Баҳриддинов С.Э, Искандаров З.Ҳ, Фозилов Н.Н., солҳои 1999-2001 Фахриддинова Л., Маҳмудов И.Т., Ғафуров Х.М. ва солҳои 2006-2008 Мирзоев С.Б., Раҷабов А.Н. ва Авзалов А.Х. ба кафедра ба кор қабул шуданд, ки масъулияти минбаъдаи таъмини ҷараёни муътадили таълим дар кафедра ба зиммаи онҳо вогузор карда шуд.

Бояд иқрор шуд, ки саҳми устоди гиромӣ дар омода кардани кадрҳои унвондори кафедра дар даврони соҳибихтиёрии давлатӣ беназир аст. Маҳз бо туфайли кушишу талош, ҳидоятҳои устодонаву падарона ва сахтгириҳои устод як зумра омузгорони кафедра, аз қабили профессор Искандаров З.Ҳ., дотсентон Баҳриддинзода С.Э., Маҳмудов И.Т., Мирзамонзода Х.Г. ва Абдуллоев П.С. дар бузургтарин марказҳои бонуфузи илмию таълимии хориҷи кишвар рисолаҳои илмии худро ҳимоя намуда, ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мушарраф гаштаанд.

Исми шарифи устоди бузург барои тамоми намояндагони қишрҳои ҷомеа ва доираҳои фарҳангии кишвар ошно аст. Қисмат фаъолияти кории устодро баъд аз хатми донишгоҳ ба пешаи бузурги омӯзгорӣ пайваст. Инак, устоди мо Неъмат Абдуллоев муддати зиёда аз 53 сол аст, ки бори гарони масъулияти устодиву омӯзгориро дар ин махзани бонуфузи илму хирад бар дӯш дорад. Устод аз он ифтихорманд ва сарбаланд аст, ки дар ин давра меҳнаташ зоеъ нарафтааст. Мо шогирдон ҳамаррӯза бо ӯ вомехӯрем, аз панду насиҳат ва дастуру ҳидоятҳои додааш фаровон истифода мебарем. Ҳар замон, ки суҳбату вохӯриҳо бо устод насибамон гашт, ҳатман қиссаеро аз рӯзгори мардони фозилу нотакрори соҳаи илми ҳуқуқ, таҷрибаи зиндагӣ, сафарҳои хизматӣ, таърихи таъсисёбии кафедра, ки хеле хотирмону шуниданӣ аст, нақл менамояд

Самти тадқиқотҳои илмии устодро мавзӯҳои гуногуни илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ба қалами ӯ аввалин китобҳои дарсӣ аз фанни «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии советӣ» дар ду ҷилд бо забонҳои тоҷикӣ тааллуқ доранд, ки солҳои 1979 ва 1985 ба нашр расидаанд. Мавзӯи марказии таҳқиқоти устодро проблемаҳои амалишавии принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, истифодаи донишҳои махсус дар рафти тафтиши парванда, назарияи далелҳо ташкил медиҳад. Ба устод муяссар гардидааст, ки силсилаи корҳои арзишманди илмиеро таълиф намояд. Ҳамзамон дар такмили низоми қонунгузории кишвар саҳми арзанда дошта аъзои гурӯҳҳои кории ҳукуматӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсияи ҶТ (солҳои 1990-1992) ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ буданд. Нақши устод Абдуллоев Неъмат дар инкишофи илми муосири ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бориз аст. Дар ин муддат номбурда дар чандин конфронсҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва сатҳи байналмилалӣ иштирок намуда маърӯзаҳо қироат намудааст. Ба устод муяссар гаштааст, ки ба як қатор кишварҳои хориҷ, аз қабили Федератсияи Россия (шаҳрҳои Москав, Санкт-Петербург, Нижний Новгород), Иёлоти Муттаҳидаи Америко, Швейтсария, Олмон, Лаҳистон, Маҷористон, Қазоқистон сафари муфиди кориро анҷом диҳад.

Хизматҳои содиқонаи устод Н.А. Абдуллоев дар рушди илми ҳуқуқ ва тайёр намудани мутахассисон бо медали «Шарафи меҳнат», нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 1998 бо унвони ифтихории «Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадршиносӣ гаштааст.

Устод Неъмат Абдуллоев имрӯзҳо дар фазои меҳрубониву навозишҳои фарзанду наберагон, ҳамроҳ бо ҳамсари меҳрубон Абдуллоева Меҳрубон умр мебаранд. Аҳли оилаи устод ҳамагӣ аз пайравони қонуну ҳуқуқ ҳастанд. Завҷаи меҳрубонашон аз бонувони фарҳангӣ ба ҳисоб рафта солҳои дароз дар вазифаҳои судяи Суди шаҳри Душанбе, Суди Олии ҶТ сарбаландона фаъолият кардаанд. Писарашон Абдуллоев Азимҷон бошад, аз кормандони масъули мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, набераашон Нуралишоҳ бошад дар курси сеюми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ бо баҳои хубу аъло таҳсил менамояд.

Шахсан банда аз он ифтихормандам, ки аз чунин устоди забардаст ва донишманди маъруфи тоҷик таълим гирифтаам, аз дастгириву некиҳо ва маслиҳатҳои муфидашон фаровон бархӯрдор шудаам ва паҳлуяшон фаъолият менамоям. Устод Неъмат Абдуллоевро дар воқеъ, метавон аз бунёдгузорони илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии тоҷик ном бурд.

Сиҳатмандию хотири ҷамъ, дили беғам ва амонию саодатмандӣ ёратон бод устоди азиз!

**Изатулло МАҲМУДОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

# ҶАВОНОН ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ

**Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавону ҷавонон буда, синни миёнаи аҳолӣ 24 сол ва 70% сокинони онро шахсони то 30 сола ташкил медиҳанд.**

Яъне аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, масъалаҳои вобаста ба ҷавонон ҳамеша дар меҳвари сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Ҳанӯз соли 1965 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ Эъломия «Дар бораи дар байни ҷавонон паҳн на-



Мадина МАҲМАДНАЗАРОВА
донишҷӯи соли 2

мудани идеалҳои сулҳ, эҳтироми мутақобила ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо» қабул гардида буд, ки асосан хусусияти тарбиявӣ дошта ҷавононро ба сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ даъват мекунад.

Дар соли 1998 аз ҷониби ҳамин ташкилоти байналмилалӣ «Эъломияи Лиссабонӣ оид ба сиёсати ҷавонон ва барномаи ҷавонон» қабул гардид, ки якчанд самтҳоро бо назардошти ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон фаро мегирад.

Ҳамчунин дар сатҳи кишварҳои ИДМ «Созишномаи давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон» қабул гардидааст, ки аз эътироф, нақш ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа бармеояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва беҳдошти фазои қонунии он дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо қонуну қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шудаанд. Муҳимтарини онҳо ҚҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки соли 2014 дар таҳрири нав қабул гардида, то имрӯз ба он ду маротиба соли 2011 ва 2014 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Қонуни мазкур аз 6 боб ва 33 модда иборат буда дарбаргирандаи муқарраротӣ умумӣ, мафҳумҳои «ҷавонон», «иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон», «оилаи ҷавон», «хадамоти иҷтимоии ҷавонон», «воҳидҳои зерсохтори ҷавонон» ва «сиёсати давлатии ҷавонон», ки ҷанбаҳои асосии фаъолияти ҷавононро ташкил медиҳанд, мебошад.

Ҳадафи ҚҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» мусоидат ба инкишофи маънавӣ-фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати онҳо, муҳаё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият иштирок кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии ҷавонон мебошад.

**Бо мақсади дар амал татбиқ намудани қонуни мазкур якчанд барномаҳои давлатӣ, ба монанди «Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар ҶТ барои солҳои 2013-2015», «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»(2006), «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (2011) қабул карда шудаанд.**

Қабул гардидани санадҳои зикршуда бори дигар собит месозад, ки мақоми олии мамлакат Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба насли ҷавон таваҷҷӯҳи беандоза дошта, ин соҳаро ҳамчун пешбаранда ва ояндадор эътироф менамоянд. Ин қадршиносии давлат бар он дорад, ки дар ҷомеаи имрӯза мақоми ҷавонон рӯз аз рӯз боло рафта нигоҳи давлату ҳукумат ба ин қувваи пешбарандаи ҷомеа ҳамчун такягоҳи бузург афзун мегардад.

**Пас, мо ҷавононро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо бо хониши хубу аъло ва таҳсилоти шоён ҳамчун мутахассисони шоистаи замон ба камол расида, дар татбиқи сиёсати давлат саҳми муносиби худро гузорем.**



# ҶАВОНОН – ДАР ШАРОИТИ НАВИ ҶАҲОНӢ

Маълум аст, ки дар шароити муосир рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни мамлакатро бе истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Дар ин раванд шабакаи интернет нақши меҳвариро ишғол намуда, рушди хизматрасониҳои электронӣ ва муносибатҳои иттилоотӣ дар заминаи истифодабарии он амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, шабакаи интернет на танҳо воситаи амалигардонии сиёсати иттилоотонии давлат, балки шарти асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки интернет дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҳар як кишвар нақши муассир дорад. Аммо сатҳу сифати истифодаи интернет, дар кадом шакл ва дар кадом самт истифода гардидани он аз саводнокии компютерӣ ва маданияти иттилоотию техникии шаҳрвандони мамлакат вобаста мебошад. Айни замон, шабакаи интернет аз ҷониби табақаҳои мухталифи ҷомеа ба таври гуногун ва бо мақсадҳои гуногун истифода бурда мешавад.

Дар шароити муосир истифодаи интернет дар миёни ҷавонон хеле зиёд ба назар мерасад. Мутаассифона, аксари ҷавонон онро на ҳамчун воситаи илмомӯзӣ ва воситаи пешбурди кору фаъолият истифода менамоянд, баръакс онро ҳамчун василаи вақтхушкунӣ ва тамошои видеороликҳои ғайрикасбӣ истифода менамоянд, ки дар натиҷа вақти худро талаф дода, тафаккури худро бо андешаҳои носолим захролуд менамоянд. Аз чунин шароити муосид истифода намуда, ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ сафи худро аз ҳисоби ҷавонони камсавод пурра менамоянд.

Мутаассифона, дар айни ҳол, баъзе баҳсҳое мавҷуданд, ки онро бештар кишварҳои абарқудрат дастгирӣ менамоянд. Аз ҷумла онҳо тарафдори онанд, ки интернет бояд сарҳад надошта бошад. Агар ин тавр бошад, пас соҳибистиқлолии кишварҳо ва ҳимояи марзҳои онҳо чӣ мешуда бошад? Яъне, ба андешаи мо, интернет бояд сарҳад дошта бошад. Аммо муносибати мо донишҷӯён ва хусусан ҳуқуқшиносон ба эҷоди қонунгузорӣ вобаста ба технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ нигоҳи тоза дошта бошем. Сарфакории вақт ва истифодаи дурусти



Сомон НАВРӮЗЗОДА
донишҷӯи соли 2

интернет яке аз масъалаҳои муҳимми таълиму тарбия бояд бошад. Дар баробари ин, дар замони муосир интернет дар раванди таълиму тарбия ва доштани маълумот нақши муҳим дорад. Ҳоло дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳукумати электронӣ созмон дода шудааст, ки тамоми воситаҳои корбариро тавассути дастгоҳҳои компютерӣ иҷро менамоянд ва суръати иҷрои вазифаҳои корӣ хеле баланд ва бо сифати аъло ба анҷом мерасонанд, ки ҷавонон низ дар он ҷойгаҳи хосса доранд.

Дар кишвари азизи мо низ истифодаи ТИК ва интернет ба роҳ монда шудааст, ки ҷавонон ба воситаи онҳо андешаҳои худро иброз медоранд.

**Дар замони муосир надонистани муносибат ба интернет як саҳифаи камранги ҳаёт ба шумор меравад. Ҷавонон, киояндаи дурахшони миллат дар дасти онҳост, бояд аз ҷаззобияти интернет бохабар бошанд ва ҳамеша барои ҳимояи манфиатҳои миллат ва соҳибистиқлолии кишварамон аз паёмадҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ воқиф бошанд.**

Зеро гаравиш ва мағзшуии ҷавонон бештар ба воситаи интернет ба анҷом расонида мешавад. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд ҳамеша ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, интернетро барои гирифтани илму дониш ва таъмини манфиатҳои миллии Тоҷикистони азизамон истифода баранд. Интернет дар масири соҳибистиқлолӣ воситаи иттилоотие мебошад, ки бояд ҷавонон пойбанди он нагарданд, балки интернет аз ҷавонон вобастагӣ дошта бошад.

# «ЗАХМҲОИ МИЛЛАТ»

## БА МУНОСИБАТИ 800-СОЛАГИИ ҲУҶУМИ ЧИНГИЗХОН БА ТОҶИКИСТОНИ ТАЪРИХӢ - ОСИЁИ ВУСТО ДАР СОЛИ 1219 ВА МИЛЛИОНҲО ҚУРБОНИЁНИ ТОҶИК (ХОЛОКОСТИ ТОҶИКОН) ҲАМЧУНИН 80-СОЛАГИИ ШУРӮИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН АЗ ТАРАФИ ЧИНГИЗХОНИ СОНӢ – ГИТЛЕР ДАР СОЛИ 1939 БАХШИДА МЕШАВАД



Зайниддин ВАРҚА
Ёвари калони прокурори вилояти Хатлон, муовири адлияи дараҷаи 1

Замони кӯдакиям бори аввал дар синни 4-5-солагиям аз наклҳои бобоям ва калонсолон дар бораи қиссаи фоҷиаи Рустаму Сӯҳроб ва куштани Сӯҳроб аз дасти падар мешунидам, дили маро ғам зер мекард.

Мани кӯчак бо андешаҳои ҷаҳони кӯдакии хеш сахт аз ин ходиса ба шигифт меомадам. Фикр мекардам, ки чӣ гуна охир падар писаршро мекуштааст? Ин бузургтарин фоҷиа дар андешаи кӯдакии ман буд ва то айни замон низ ба ин ходиса, ин фоҷиаи машхури олам ва ривояти Ҳаким Фирдавсӣ ба дард нигоҳ мекунам. Фикр мекунам, ки ин бузургтарин фоҷиаи ривоятии олам ва порсизабонон аст. Ин фоҷиаро замони кӯдакӣ, ман чун фоҷиаи миллат ва яке аз захмҳои сахттарини миллати тоҷик мешуморидам. Бехуда нест, ки вакте дар синфҳои ибтидоӣ мехондам ва кинофилми «Рӯстаму Сӯҳроб»-ро ба дех оварда намоиш доданд ва қатли Сӯҳроб барои аввалин бор мани кӯдак сахт гиристам, балки аҳли толори клуби деҳаамон бо як овоз мегирист!

Ин фоҷиаи бузурги ривоятии эпоси миллии мо «Шоҳнома» бемуболиға захми носури хар як тоҷику Тоҷикистону порсизабон асту то абад боқӣ хоҳад монд.

Чун калон гаштам ва ба таърихи ҷуғрофияи ин миллат даст ёфтам, фаҳмидам, ки ватани азизи ман, Тоҷикистони таърихӣ ва як пораи он Тоҷикистони кунунӣ садсолаҳо аз дасти душманони истилогари нохонда захмҳои ҷонкохе бардоштааст!

Дар таърихи ватани ман қатлу кушторҳои зиёде аз ахди бостон, аз замони истилои макдуниён, арабҳо, туркҳо чой доранд. Хар як аз истилогар бо диду салоҳдиди хеш шахру деҳоти ободи Тоҷикистони кунунӣ (кисмате аз Тоҷикистони таърихиро) ба коми оташ мекашид, хамватанони моро чун гӯсфанд сар мебуриданд, асир мегирифтанд, ба ғуломӣ ба кишварҳои дур мефурӯхтанд.

Дар баробари ин фоҷиаҳо, бузургтарин захмхоро шояд дар таърихи башарият Чингизхони хунхор ва ворисони нопокаш ба тани ватани азизи мо Тоҷикистони таърихӣ зада, шахру деҳоти зеборо бо ҳӯи даррандагӣ, рашку ҳасад ба коми оташ кашида, миллионхо одамонро қатли ом намудаанд. Фоҷиаи Чингиз ончунон вазнин, ончунон дахшатнок аст, ки бо гузашти 800 сол аз он ҳеҷ як тоҷик, ҳеҷ як порсизабон бетафовут, бедард сухан гуфта наметавонад, зеро хар тоҷик медонад, ки Чингизу ворисонаш чӣ гуна захмҳои дарднокеро ба ҷисми поку озодаи модари мо – Тоҷикистони таърихӣ назадаанд!

### ЧУНИН ФОҶИАРО ТАЪРИХИ БАШАРИЯТ ЁД НАДОРАД

Ман шахсан баъди хондани сафҳаҳои таърихии он давра дар ҷойи худ нишаста наметавонам!

Ҳисси адоват, бадбинӣ, никор гирифтану туф кардан бар ин даврaи номардии таърих дар ҷисми ман як бора хазор бор меафзояд. Дар рагхои хунгардам хун ба ҷӯш меояд ва дар чашмонам ашк ҳалқа мезанад!

**Ба андешаи банда агар қатлу куштори на камтар аз 15 миллион мардуми тоҷиктабору форснажоди он давра аз тарафи хунхоре чун Чингизхон рух намедод, холо дар Осиёи Марказӣ на камтар аз 700-800 миллион мардуми тоҷикзабон сукунат дошт.**

Тибқи оморхои таърихии имрӯза аз 100 фоиз, 75 фоизи аҳолии порсзабон ба қатл расонида шудааст ва дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистону Эрони кунунӣ он давра бештар аз 90 фоизи аҳолиро мардуми ориёинажод ташкил намуда, мисли соҳилҳои Хуанхе ва Янтсзии Чин ва дарёҳои Ҳинду Ганги Ҳиндустон, ватани мо низ сераҳолитарин мавзеъхои ҷаҳони онрӯза дониста мешуд. Қатлу кушторҳои Чингизхони хунхор ва ворисонаш низ махз ба мукобили тоҷики тоҷвар, мардуми муттамадин ва шахрнишин нигаронида шуда буд, чун бо қабоили атрок хешии этникӣ доштанд ва дар ӯрдаи хунхораш низ қабоили гуногуни чунин қабилахои ғайрисломӣ зиёд буданд, объекти асосии қатли оммавӣ асосан маҳз тоҷикон қарор дода мешуданд. Ин факти исботшудаи таърихист!

**Тибқи санадҳои таърихӣ ва тадқиқотҳои гузаронидаи олимони ҷаҳони имрӯза, аз тарафи ин шахси манфур ва ҳамтоёнаш бештар аз 40 миллион нафар ва ё 11-12 фоизи аҳолии сайёра (он замон аҳолии сайёра 400- 420 миллион нафарро ташкил медод) ба қатл расонида шудааст. Ин рақам холо низ хар шахсро ба дахшат меорад, зеро ин фоҷиа аз фоҷиаи замони Гитлер, ки 70 миллион аҳолӣ аз микдори беш аз 2,5 миллион аҳолии курраи замин кушта (тахминан 2,7 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медод) чанд маротиба зиёд аст.**

Бо ибораи дигар барои ба 11-12 фоизи умумии насли инсонии куштаи Чингизхон расидани Гитлеру ҳамтоёнаш бояд онхо камаш 260-270 миллион аҳолиро мекуштанд! Илова бар ин, тарзи куштор ва амалхои нангини чингизиён, ки бо каҷкорду шамшеру табарзин тухмаи одамиро ба қатл мерасониданд, аз тарзи бомбаандозӣ ва автоматпаронии Гитлер, ки одамӣ зуд ҳалок мешуд басо ҷонсӯзтар ва дахшатноктар буд! Доираи захмҳои задаи Чингизхон ба миллати мо ва Тоҷикистони таърихӣ ончунон бузург буд ва ҳаст, ки азобашро миллати мо ва Тоҷикистони кунунӣ то имрӯз кашида истодаанд!

Захмҳои задаи Чингизу ёрони нохалафаш то имрӯз шифо наёфтаанд ва хама вокеаҳои баъдинаи қатлу куштори Темуриён, Шабониён, Аштархониён ва Манғитиёни муғултабор маҳз ба юришҳои Чингизхон дар нисбати миллату ватани мо рабт мегиранд.

Тирамоҳи соли 2019 ба ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Марказӣ (Тоҷикистони таърихӣ) расо 800 сол пур мешавад ва мо ворисони чабрдидагони ин бузургтарин генотсид дар таърихи ҷаҳонӣ бояд аз он чашм напӯшем.

Ин масъала ва захмҳои задаи Чингизхону ёронашро нисбати миллати хеш бояд ёд оварем. Бояд дар хиёбону гузархои шахру деҳот, масҷиду мазору дашту кӯҳсорони мо ҳазорон садои зангӯлаҳо баланд садо диханд ва ҳазорон шаъмҳо ба хотири ин бузургтарин фоҷиаи миллат афрӯхта шуда ва рӯзи ҳуҷуми муғул ба кишвари мо Тоҷикистони таърихӣ чун рӯзи мотами миллӣ эълон карда шавад!

Ҷомеаи ҷаҳонӣ, насли ҷавони мо бояд ин фоҷиа ва захмҳои задаи ин қабилаҳои нимвахширо хонад, донад, аз сабабҳои рӯйдоди чунин фоҷиаи бузурги олам барои худ сабақи таърихӣ бардорад.

Дар доираи давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд кушторҳои дахшатнок ва пурфоҷиаи Чингизхону ворисонаш чун генотсид, қатли умумибашарӣ шинохта шуда, номаш дар қатори Адолф Гитлер чун бузургтарин душмани тухмаи одамизод шинохта шавад. Зеро маҳз бо айби ҷомеаи ҷаҳонӣ – СММ, ЮНЕСКО ва дигар ташкилоту созмонҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба ин амалҳои пурфоҷиаи Чингизхону ворисонаш дар назди таърих, назди башарияту фарҳанги аз даст рафтааш баҳои дурусти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дода нашудааст!

Гузашта аз ин, чунин ташкилоти бонуфузи байналмилалии мисли ЮНЕСКО дар оғози ҳазораи сеюм Чингизхонро бузургтарин сарлашкари ҳазораи дуюми солшумории милодӣ эълон кард. Ҳоло он ки бузургтарин сарлашкаре, ки башариятро аз Чингизхони сонӣ(Гитлер) ва хавфи зулму истибдоди ӯ озод кард бешаку шубҳа бо ҳамаи амалҳои неку бадаш ин генералиссимус Иосиф Виссарионович Сталин аст ва маҳз ӯ бояд сарлашкари бузургтарини олам эътироф мешуд на Чингизхони золим.

Дар ин ҷо бадбинии собиқ ватанамонро ин бо ном демократҳо хайрхоҳони олами ғарби сармоядор аз ҳад гузаронидаанд! Ҳоло он ки сиёсати ИҶШС-и собиқ сари ин масъала ва маҳкум намудани Чингизхону қатлу кушторaш дар доираи ҷаҳон, ин нишонаи сиёсати башардӯстии Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз ақли солим кор гирифтанро нишон медиҳад на «монеъ шудан» ба худшиносии муғулҳои бечора, ки бар асари касратии Чингизхону авлодаш имрӯз дар ҷаҳон муғулзабонхо камтар аз 10 миллион аҳолиро ташкил менамоянд. Агар ин шахси хунхор муғулхоро ба куштан намедод ва дар ватани бобоияш ба ободкунӣ машғул мешуд, боварӣ дорам, ки имрӯз дар Ҷумхурии Муғулистон ва Муғулистони дохилӣ (ноҳияи мухтор дар Чин) на камтар аз 200 миллион муғул дорои ватани пешрафта ва сераҳолие мешуданд.

Аз ин рӯ, метавон бо дили пур гуфт, ки Чингизхони душман барои насли имрӯзаи миллати кӯчаки муғулҳои будоӣ коре накардааст ва барои ин миллат низ бояд хамчун душмани №1 шинохта шавад. Барои ин, муғулҳо бояд таърихи ин ӯро хуб аз худ намоянд ва баҳои ҳақиқии худро дода тавонанд ва аз гирифтани номи чунин шахс шарм доранд, на ифтихор!

Бояд гуфт, ки имрӯз дар оламии Ғарб, фашизм ва махсусан дар Муғулистони имрӯзаи ба ном демократӣ чеҳраи манфур ва хунрези таърихи башарият Чингизхон, ки замони сотсиализм мояи ошуфтагӣ ва шарми мардуми муғул қарор мегирифт ба қахрамони миллӣ табдил ёфта, роҳбарони муғултабори кунунӣ ба кӯчаю хиёбонҳо, театрҳо, фурудгохи байналмилалии Улан-Батор номи ин фарди қассифу душмани тухмаи инсониятро арзонӣ доштаанд! Ширкати хавопаймоии «Чингиз -Эйр» амал намуда, дар боли пули миллии худ муғулхо расми Чингизи манфурро наққошӣ кардаанд. Ҳамчунин ордени олии имрӯзаи онхо ба номи Чингизхон аст! Ҳоло он ки дар Муғулистони халқӣ номи Сухе-Батор барпокунандаи давлати нави сотсиалистии муғулхо (Ҷумхурии халқии Муғулистон) дар соли 1924 маъруф буда, ордени олӣ низ ба номаш буд. Мавзолейи ӯро канда ба ном «демократ»-хои нави муғул дар хиёбони Сухе -Батор хайкали ин шахси манхусро гузоштаанд.Ҳоло он, ки давлати аграрию саноатии имрӯзаи мардуми муғулро махз инқилобгари бузурги муғул Сухе-Батору маршал Чойбалсан ва дигар хамфикронашон барпо намудаанду онро аз истилои чандинасраи чиноихо озод.

**Чингизхон дар сохтани давлати имрӯзаи ин мардум заррае иртибот надорад! Ҳамчунин пайкараҳои ӯ зеби шахру деҳоти Муғулистон гашта, дар мактабҳо ин шахс, ки хатто дар вақташ миллионҳо ҷавонони хуби муғул (ишораҳо аз китоби «Тоҷикон)-и устод Б.Ғафуров-ро ба куштан дар қораҳои гуногуни олам дод, чун қахрамони миллӣ омӯхта мешавад. Ҳоло он ки аз амалҳои нангини ин шахс имрӯз чи тавре ки дар боло ишора намудем як миллати кӯчаки муғул дар олам боқӣ мондааст.**

Аз ин рӯ, насли имрӯзаи башарият вазифадор аст, ки аз чунин сиёсатбозиву ифтихори пуч аз чунин «қахрамонони миллӣ» канораҷӯӣ намояд.

(Давом дорад)

### ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқукшинос» ба дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Қодиркулов Хуршед Рахмонович нисбат ба вафоти

МОДАРАШ

изҳори тасаллият менамоянд.

# ҶАМЪОВАРӢ ВА ИСТИФОДА НАМУДАНИ ДАЛЕЛҲО ДАР МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

**Ҷамъ овардани далелҳо – унсури умумиҳатмии раванди исботкунӣ махсуб ёфта, моҳияти он дар адабиётҳои криминалистӣ ва мурофиавӣ ба таври мухталиф мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҷиҳати истифода намудани далелҳо муфаттиш ва дигар субъектони таъқиботи ҷиноятиро зарур меояд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ намоянд. Аз ин нуктаи назар, гуфтан ҷоиз аст, ки унсури нахустини раванди исботкунӣ ин ҷамъоварии далелҳо мебошад. Тавре, ки дар боло ишора намудем, аз ҷониби олимон фаҳмиши ҷамъоварии далелҳо дар соҳаи мурофиавӣ ва криминалистӣ пешниҳод шудааст.**

Чунончи, А.И. Винберг ҷамъоварии далелҳоро аз нигоҳи илми криминалистӣ қобили қабул медонад. Ба андешаи номбурда, зери мафҳуми ҷамъоварии далелҳо: «маҷмӯи ҳаракатҳои субъекти таъқиботи ҷиноятӣ ҷиҳати дарёфт ва нигоҳ доштани далелҳои гуногун бояд фаҳмида шавад».

Ба назари Н.В. Терзиев ҷамъоварии далелҳо дар ҷамъ овардан ва мавриди тадқиқот қарор додани он ифода мегардад. Ҳамин зайл, олимони дигар аз қабили: И.Б. Михайловская, М.С. Строгович, С.А. Шейфер, А.Р. Ратинов ва дигарон атрофи ҷамъоварии далелҳо ақидаҳои ҷолиби худро пешниҳод намудаанд ва ба назари мо, аксарияти онҳо қобили қабул арзёбӣ мешавад.

Ба ҳар ҳолат, яқин аст, ки ҷамъоварии далелҳо мафҳуми комплексӣ мебошад. Яъне, дар доираи марҳалаи мазкур, якчанд ҳаракатҳо анҷом дода мешавад, ба монанди кофтуков, дарёфт намудан, ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан ва ҳоказо.

Лозим ба ёдоварист, ки ягона роҳҳои мурофиавии ҷамъоварии далелҳо ин ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ аз ҷониби субъектони таъқиботи ҷиноятӣ мебошад, ки ин ҳам бошад, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, сардори шуъбаи тафтишот, прокурор ва суд. Дигар роҳҳои ҷамъоварии далелҳо ғайримурофиавӣ дониста мешаванд.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ҷамъоварии далелҳо, инчунин ибораи пешниҳоди далелҳо низ мавриди истифода қарор дода мешавад. Нисбати як қатор иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ КМҶ ҶТ ҳуқуқ дода шудааст, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятии баррасишаванда далелҳо пешниҳод намоянд. Ин ҳуқуқ ба иштирокчиёни зерин дода шудааст:

– ҷабрдида;
– айбдоркунандаи хусусӣ;
– даъвогари гражданӣ ва намояндагони онҳо;
– гумонбаршуда;
– айбдоршаванда;
– судшаванда;
– ҳимоятгар;
– ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ чун қоида, пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар сурат мегирад. Мутаассифона, чараёни супоридани далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар ё дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро КМҶ ҶТ ба танзим надаровардааст. Яъне, чӣ гуна, бо кадом тартиб далел бояд ба муфаттиш супорида шавад. Дар яке аз мақолаҳои худ, муаллиф пешниҳод намуда буд, ки дар КМҶ ҶТ бояд механизми қабул намудани далелҳо аз ҷониби муфаттиш муайян карда шавад. Вагарна, мумкин аст, ки далели пешниҳод шуда, аз ҷониби муфаттиш ба таври дахлдор ва тартиби муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ барасмият даровара нашавад. Ба ҳар ҳолат, проблемаи мазкур дар КМҶ ҶТ то имрӯз боқӣ мемонад.

Ҳимоятгаре, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои иштирок дар баррасии парванда роҳ дода шудааст, ҳуқуқ дорад:

– далелҳо пешниҳод кунад;
– маълумотеро, ки барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ заруранд, ҷамъ оварад;
– маълумотнома, тавсифнома ва дигар ҳуҷҷатҳоро аз муассиса, ташкилот ва корхонаҳои мухталиф, ки бо тартиби муқарраршуда ба додани ин ҳуҷҷатҳо ё нусхаи онҳо уҳдадоранд, талаб кунад;
– бо ризои ҳимояшаванда фикри мутахассисонро барои шарҳи масъалаҳое, ки вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба миён меоянд ва онҳо дониши махсусро талаб мекунанд, пурсад.

Маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, шаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилоту муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод кунанд.



**Комёр ИСОЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

**Ҳангоми анҷом додани унсури нахустини раванди исботкунӣ бояд якчанд шартҳо ба назари эътибор гирифта шаванд:**

**– ҷамъоварии далелҳо бояд тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба роҳ монда шавад;**

**– истифода намудани роҳҳои қонунии ба даст овардани далелҳо дар доираи қонун ба роҳ монда шавад;**

**– ба даст овардани далелҳо танҳо аз ҷониби субъектони пешбининамудаи қонун ба амал баровварда мешавад;**

**– нигоҳ доштани объективият ва беғаразӣ дар раванди ҷамъоварии далелҳо аз ҷониби субъекти анҷомдиҳандаи ҷамъоварии далелҳо.**

# КОРРУПСИЯ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶОМЕА

**Яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи инсониро омилҳое ташкил медиҳанд, ки ба сатҳи иқтисодиёти давлат зарар оварда, боварии мардумро нисбат ба ҳокимияти давлатӣ коста мегардонад.**

Коррупсия аз ҷумлаи чунин омилҳои манфие мебошад, ки дар ҷомеа хеле васеъ паҳн гардида, хатари аз байн бурдани ҳадафҳои пешанамудаи ҳокимиятро ба вуҷуд овардааст. Он дар луғатҳои забонӣ ва соҳавӣ ба сифати амали зишт ва номатлуб маънидод гардидааст.

Ҷомеаи башарӣ, ки дар раванди босуръати тараққиёт қарор дорад, наметавонад аз омилҳои номатлуби ин амалҳо эмин бошад. Баъзе аз нафарони алоҳида бо дарназардошти ишғоли мансабҳои пешбинишуда, кӯшиши ба даст овардани фоида ва ё даромадҳои муфтро пешаи худ қарор медиҳанд, ки бар хилофи санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ баромад менамоянд. Маҳз оқибатҳои номатлуби ин зуҳуротро ба инобат гирифта, дар сарчашмаҳои таърихӣ гузашти насли инсоният онро маҳкум намуда буд, ки инро метавон дар санадҳои таърихии ҳуқуқӣ мушоҳида намуд.

Аз дидгоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гирифтани пора ҷиноят эътироф гардидааст.

Чунин муқаррарот ҳамзамон дар санадҳои байналмилалӣ низ инкор карда шуда, ҷомеаи башариро даъват менамояд, ки бар зидди чунин амалҳои номатлуби ҷомеаи инсонӣ мубориза беамон барад.



Дар сурати содир гардидани чунин амалҳои номатлуб натанҳо нафари алоҳида, балки давлат дар маҷмӯъ метавонад зарар бинад. Аз як тараф он метавонад ба иқтисодиёти давлат зарари ҷиддӣ ворид намояд, аз тарафи дигар метавонад боварии мардумро нисбат ба ҳокимияти ҷойдошта коста намояд. Ҳамзамон, метавонад дар натиҷа боиси сар задани низоъҳои гуногун гардад. Яъне, он метавонад ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зарари манфии худро ворид намояд.

Аз ин рӯ, давлатҳоро мебояд ба зидди ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа муборизаи беамон бурда, пеши роҳи онро гиранд. Албатта, чунин мубориза бояд дар муттаҳидӣ анҷом дода шавад, дар сурати ғайр ноил шудан ба ҳадафҳои пешанамуда ғайри имкон хоҳад буд.

Мо ҷавонон чун наслиояндаи давату миллат метавонем дар пешгирӣ намудани ин амал таъсири бевоситаи худро гузорем ва нагузорем нафари алоҳидае бо ба инобат гирифтани манфиатҳои шахсии худ, манфиатҳои давлату ҷомеа ва нафарони алоҳидаро поймол намояд.



**Ҳокимбек ТИЛЛОЕВ**
**котиби суди ноҳияи Фирдавсӣ**




# ҲЕҶ КАС ВА ҲЕҶ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАХОҲАД ШУД!

**Сарвиноз ЁҚУБОВА**
**донишҷӯи соли 1**

**Ҳама сар ба сар тан**
**ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар**
**ба душман диҳем.**

Дар таърихи инсоният санаҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо аҳамият ва бузургии онҳо боз ҳам бештар аён мегарданд. Рӯзи Ғалаба низ дар радифи ҳамин гуна санаҳои фаромӯшнашуданӣ мақом дорад. Он барои тамоми инсоният, аз ҷумла мо тоҷикистониён низ азиз ва гиромӣ аст.

Ҷанг – ҳодисаи ҷамъиятӣ бо роҳи зӯрӣ давом додани сиёсат буда, мазмуни онро мубориза мутташаккилонаи мусаллаҳона ташкил медиҳад.



Баробари шунидани ин вожа вайрониву даҳшат, қурбониву валангории шаҳру деҳот пеши назар меояд. Инсоният борҳо ба ин фоҷиа рӯ ба рӯ шуда, газанди азиме дидааст. Даҳҳо шаҳру деҳот ба иллати оташи ҷанг мубтало гашта, комилан маҳв гардиданд. Ҳазорон нафар одамон қурбони ин фоҷиа гаштанд. Ҳанӯз аз оғози ҷанг фарзандони тоҷик дар қатори аввалинҳо дар ҳайати ду дивизия ба ҷабҳаи ҷанг рафта буданд. Умуман, аз кишвари мо беш аз 290 ҳазор нафар бевосита дар задухӯрдҳои шадиди ҷанги зидди фашизм иштирок намуда, аз ҳуд ҷасорату мардонагии бемисл зоҳир кардаанд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ҷанги одилонаю озодихоҳонаи халқи собиқ Шӯравӣ барои озодӣ ва ҳимояи Ватан алайҳи фашизм буд. 22-июни соли 1941 қувваҳои мусаллаҳи Германия ногаҳон бе эълони пешакии ҷанг ба Иттифоқи Шӯравӣ ҳуҷум карданд. Новобаста аз омадагии амиқ ва бартарӣ аз ҳисоби техникаи ҷангӣ ба мардуми шарафманд ва бо нангу номуси шӯравӣ муяссар шуд, ки зафар ёбад. Халқи шӯравӣ дар ҳама самтҳои асосии амалиёти ҷангӣ: Ленинград, Украина, Москва, Курск, Днепр ва ғайра бо қурбонии зиёд муқобили душман истодагарӣ намуда, қушунҳои фашистиро маҳв сохтанд. Сабаби асосии пирӯзӣ дар ин ҷанг дӯстиву бародарии халқҳои мухталиф ва як дилу як забони халқи шӯравӣ ба ҳисоб мерафт, ки онҳо аз рӯи шиори «Ҳама чиз барои фронт, ҳама чиз барои ғалаба» фаъолият мебурданд.

Дар қатори фарзандони шарафманди русу украин, белорусу қазоқ даҳҳо диловарони тоҷик, аниқтараш 53 нафар сазовори унвони олии «Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ» гардидаанд. 14 нафар бо ордени «Шараф» ва 50000 нафар бо ифтихорномаю медал мукофотонида шудаанд.

Корнамоии беназири Исмоил Ҳамзаалиев, Домулло Азизов, Ҳодӣ Кенҷаев, Неъмат Қарабоев, Сафар Амиршоев ва дигарон дар саҳифаи сабзи таърихи Ватан сабт гаштаст, ки ифтихори ҳар варақи он мост. Барҳақ гуфтаанд:

**Ҳар ки бо меҳру вафо бар**
**халқ хидмат мекунад.**
**Номи худро сарҳати**
**девони миллат мекунад.**

**Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ**
**донишҷӯи соли 3**



Инсоният дар таърихи ҳастии худ фоҷиаҳои даҳшатбореро бисёр дидааст, аммо ба монанди фоҷиаҳои даҳшатангези карни гузашта, яъне Ҷанги Дуюми Ҷаҳон фоҷиабортаринашро надидааст. Субҳи 22 июни соли 1941 ба сарҳади Иттиҳоди Шӯравӣ артиши Олмони фашистӣ аҳдшиканона вуруд гардид. Дар ин ҷанг беш аз 72 давлатҳои ҷаҳон ширкат варзида, зиёда дар ҳудуди 40 давлат амалиётҳои ҷангӣ шуда гузаштааст. Дар ин ҷанг беш аз 50 миллион нафар ҳалок гардида, кишварҳои зиёде хароб гардида, ҳазорон нафар занон бешавҳар, ҳазорҳо нафар кӯдакон бепадар монданд. Боиси ифтихор аст, ки мардони баруманд ва ватандӯсти тоҷик бо як ҳисси ифтихори ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дар ин ҷанги хунумонсӯз баробари дигар мардони кишварҳои Иттиҳоқ китф ба китфи якдигар қарор гирифта, бар фашизм муқобилияти шикастнопазир нишон додаанд. Фарзандони баруманди тоҷик дар ҳама марҳилаҳои ин ҷанг иштирок намуда, аз уҳдаи ҳимояи марзу буми Ватани хеш сарбаландона баромадаанд. Дар баробари мардони бо нангу ор, инчунин занон низ бар зид муқобили Германияи фашистӣ мубориза бурдаанд. Аз он ҷумла, корнамоиҳои беназирero Ойгул Муҳаммадҷонова (зиёда аз 92 парвози ҷангӣ анҷом додааст), Ниёзова Сафия, Кибриё Лутфуллоева, Раъно Ёқубова ва дигарон нишон додаанд. Дар охир дар натиҷаи дӯстиву муборизаи якҷояи халқҳои бародар бар зидди фашизми гитлерӣ ва намунаи олии фидокоронаи фарзандони баруманди Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки 9 майи соли 1945 бар ин қувваи фашистӣ ғолибиятро ба даст овarданд.

Таърих ҳеҷ гоҳ корнамоиҳои эшонро фаромӯш нахоҳад кард. Ёдашон ба хайр бод!

**Саидакбар ҚОДИРОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Иди Ғалаба барои мо тамоми мардуми сулҳпарвари ҷаҳон ҷашни шодию хушбахтӣ, хушҳолӣ ва санади ёдбуди хотираи неки шаҳидони роҳи озодӣ аст. Ин рӯз рӯзи ёдбуди онҳое, ки дар роҳи пирӯзии некӣ бар бадӣ ҷони азизи хешро, ки аз ҳама чизи қимматарин барои



инсон маҳсуб мешавад дар роҳи озодӣ ва Ватани азизи хеш аз даст доданд. Имрӯз мо бояд дар назди ин шахсони бузург, ки дар роҳи ҳимояи Ватан, халқу миллат ва барои он, ки мардуми тоҷик оруму осуда бошанд ҷоннисорӣ кардаанд, сари таъзим фуруд орем ва дуоғӯи он бошем, ки «ёдашон ба хайр ва рӯҳашон шод бошад».

Бояд қайд намуд, ки мардуми тоҷик бо вуҷуди ин ҳамаи душвориҳои зиндагӣ нигоҳ накарда, барои онҳое, ки дар ҳифзи Ватан равона шуда буданд аз маводҳое, ки барои онҳо лозим буд, аз он ҷумла (озуқа, сару либос, пули калон, баъзеҳо зару зевар, инчунин занони тоҷик дастпӯшаку ҷуробҳои гарм ва либосҳои бофтаю духта) таъмин менамуданд, худ гуруснаву барахна буданд, аммо ба хотири як умед, яъне ғалаба, оянdai нек ҳама буду бошашонро шабу рӯз меҳнат менамуданд ва ба фронт мефиристоданд.

Баъди гузашти солҳо ин шаҳомат арзишҳои беназири халқи тоҷик дар дилу дида ва ба хотираи мо боз ҳам равшантар мегардад, ки барои мо ин як дарси ибрат ва сабақи зиндагонист. Ва моро водор месозад, ки мисли ин гуна қаҳрамононе, ки барои тинҷию оромии Ватани хеш ҷон супурданд, тайёр бошем ва омодаи ҳифзи Ватани азизи хеш бошем.

**Бори дигар ҳамаи собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, устодони меҳрубонро аз самими қалб ба ин рӯзи бузург Иди Ғалаба табрик ва муборакбод менамоям. Бигзор ҳар рӯзатон дар шодию хурсандӣ гузарад.**

**Ҷумъа ОДИНАЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Ҷанг –хатар ба миллатҳо, давлатҳо ва ҷомеаҳост. Баробари шунидан ва дарк намудани ин вожа вайрониву даҳшат, қурбониву валангарории шаҳру деҳот, хунномнии мардуми ғурбатзада пеши назари ҳар як фарди ватандӯст меояд. Яке аз ҳодисаҳои мудҳиш ин мисолҳо Ҷанги Бузургӣ ватани мебошад, ки дар он ҷандин шаҳру деҳот ба илати оташи ҷанг мубтало гашта, комилан нобуд гаштаанд. Ҳазорон нафар одамон қурбони ин фоҷиа гаштаанд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945 давом кардааст. Сабаби асосии пирӯзӣ дар ҷанг муттаҳидӣ, ваҳдат ва созиш, дӯстиву бародарии халқҳои



муҳталифи Шӯравӣ буд. Неруи тавонои мардум рӯҳи «шикастнопазир»-и душманро шикаст. 8 майи соли 1945 Германия ба таслимшавӣ имзо гузошт. Фарзандони фарзонаи тоҷик низ дар ин ҷанг иштирок намуда, аз худ қаҳрамониҳои бемисло ба хотирот монданд. Ҷиҳати пос нигоҳ доштани хотираи эшон дар кишвари азизамон ҳар сол 9 май – Рӯзи Ғалаба бар фашизм таҷлил карда мешавад.

**Рузиқизи ҒАФФУРЗОД**
**донишҷӯи соли 1**

Рӯзи Ғалаба ба таври ҳамешагӣ рӯзи шодиву нишот ва ифтихормандии миллатҳои музаффар хоҳад буд. Иди Ғалаба – рамзи пирӯзии сулҳ бар ҷанг, рӯшноӣ бар торикӣ ва хайр ба шар аст. Бо гузашти солҳо шукӯҳ ва азамати он барои халқи шӯравӣ ва мардуми олам торафт айёнтар мегардад, зеро ин ғалаба мақсадҳои ботили ҳукмрони кулли олам шудани фашистонро барбод дод.

Гузашти вақт наметавонад аз хотири башарият мардонагӣ ва устувории халқи шӯравиро, ки барои ҳифзи Ватани хеш бархоста буд, фаромӯш созад. Муборизае, ки халқи шӯравӣ бар зидди фашистони ғозиб мебурд, набарди одилона, озодибахш ва муқаддас буд. Омили ғалаба ваҳдат ва якмаром будани ҷабҳаву ақибгоҳ гардид. Корнамоии синфи коргару деҳқон ва зиёиёни шӯравӣ якҷоя бо қаҳрамониҳои сарбозони қувваҳои мусаллаҳ рӯзи ғалабаро наздик кард.

Собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ имрӯз афсонаи зинда ва намунаи хизмати фидокорона ба Ватан мебошанд. Онҳо ҷонбозиҳои зиёде кардаанд, то ғалабаро ба даст оранд. Ба хотири онҳо дар баландиҳои кисмати шарқии Душанбе, инчунин дар маркази шаҳри Хуҷанд ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурии азизамон маҷмааҳои ёдбуд ва Чароғи фурӯзон бунёд шудаанд.

Пешвои миллат қайд менамоянд, ки «Корнамоӣ ва ҷонфидоии падарону модарон моро даъват менамояд, ки Ватанамонро азизу гиромӣ дорем ва барои ободии кишвари худ ҳиссаи арзанда гузорем».

Мо ворисон, ки Иди Ғалабаро ҷашн мегирем, пеши корнамоиҳои бемисли сарбозони Ватан сари таъзим



фуруд меорем. Сари таъзим фуруд меорем пеши онҳое, ки тамоми сахтию маҳрумиятҳои солҳои ҷангро бар дӯш гирифта, ҳама ранҷу дарду азобҳоро пушти сар гузоштанд.

# ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ АЗ НИГОҲИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ



**Фаридун БОБОХОНОВ**
**донишҷӯи соли 5**

## 9 МАЙ-РӮЗИ ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ

Тӯли 74-сол мешавад, ки 9 майро дар саросари собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун як рӯзи муҳими таърихӣ «Ҷашни Ғалаба» бо як шукӯҳу шаҳомати хосса қайд менамоянд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи онҳост. Аҷибаш дар он аст, ки гарчанде аз парокандашавии Иттиҳодӣ Шӯравӣ 29 сол сипарӣ шуда бошад ва имрӯз он чун як иттиҳоди бузурги кишварҳо вуҷуд надошта бошад ҳам, вале дар собиқ кишварҳои он то ҳол ин санаи муҳими таърихиро ҷанш мегиранд. Аниқтараш парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин санаи муҳим таъсир расонида натавонист. Пас саволе пайдо мешавад, ки муҳиммияти ин санаи туърихӣ дар чӣ зоҳир мегардида бошад?

Албатта, барои аксарият аҳамияти ин санаи таърихӣ возеҳ аст, вале ба муносибати боз ҳам равшантар шудани таҷлили 74-солагии ин сана як сайри таърихӣ менамоем...

## 74 СОЛИ МАҒЛУБИЯТИ ТОРИКӢ ВА ЗУЛМОТ

....Ин санаи таърихӣ ба он хотир муҳим аст, ки 74 сол қабл, аниқтараш санаи 9 майи соли 1945 дар давлати бузурги Шӯравӣ рӯзи шоддӣ, рӯзи пирӯзӣ ва рӯзи ғалаба бар неруи фашистӣ таҷлил карда мешуд ва ин анъанаи нек баъди аз байн рафтани ин давлат низ ҷашн гирифта мешавад. Чунки санаи 8 майи соли 1945 халқи бо нангу ори кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, минҷумла Тоҷикистон зери шиори «рӯҳи шикастнопазир» неруи бузурги фашизмро шикаст дода, ба имзои варақаи таслимшавӣ водор карданд. Рӯзи 9 майро бошад, ҳамчун Рӯзи Ғалаба дар таърих сабт намуданд, ки он то имрӯз идома дорад. Муҳимияти ин санаи таърихӣ аслан дар он ифода мегардад, ки он ба қалби миллионҳо инсони рӯҳафтода умеди тозаву хушҳолӣ, ба чеҳраи миллионҳо инсон шодӣ бахшида, чашми чандин миллион занону кӯдаконро аз ашки сӯзон боз доштааст. Маҳз аз ҳамин хотир, он дар хотироти тамоми халқи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монда, аз онҳо чун таърих ба наслҳои навин гузашта, то ба имрӯз омада расидааст.

Дар ин ҳошия, пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки аксари меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун низоми ҳуқуқ рушду такомул наёфта буданд. Ба монанди соҳаи ҳуқуқи дипломатӣ, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ ва дигарон аз ҷумлаи муҳимтарин соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ғайра.

**Чӣ тавр соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонистанд сади роҳи ҷангро гиранд?**

Агар дар он замон соҳаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ чун имрӯза инкишофёфта мебуд, инсонҳои зиёд, минҷумла халқҳои осоишта қурбон намешуданд, мулкҳои осоишта хароб намегардиданд, қурбониён ва осебдидагони ҷанг дастгирӣ меёфтанд ва монанди инҳо. Зеро дар ин ҷанг ягон меъёр ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ риоя карда нашуда буданд, чун ҳанӯз қувваи баланди ҳуқуқие пайдо накарда буданд, ки барои ҷамоеаи ҷаҳонӣ таъсиррасон мебуд. Ҳамзамон метод ва воситаҳои бурдани амалиётҳои ҳарбӣ риоя карда нашуда, методу воситаҳое, ки имрӯз дар асоси санадҳои байналмилалӣ дар вақти бурдани амалиётҳои ҳарбӣ манъ карда шудаанд, дар ин ҷанг мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, субҳи 22-юми июни соли 1941 бе эълони ҷанг якбора ба хоки собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ зада дароманди Олмони фашистӣ.

## ДАРСИ ИБРАТ БАРОИ НАСЛИ МИНБАЪДАИ ИНСОНӢ

Ҳамин тариқ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ як дарсӣ калони ибратбахшро омӯзонид, то ки минбаъд баҳри ҳимояи халқу кишвари худ, муносибатҳои сарди худро дар асоси меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври дипломатӣ ва бо роҳи осоишта ҳал намоянд.

## РӮЗИ ҒАЛАБА МУБОРАК!

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, имрӯзҳо чун як узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кулли созмонҳои байналмилалӣ шомил буда, анқариб аксарияти санадҳои байналмилалиро эътироф кардааст. Тоҷикистон тавре ки дар арафи ин ҷанги хонумонсӯз бо мардуми худ баҳри ҳимояи сулҳу суботи ҷаҳон мубориза бурда буд, имрӯз чунин амалро дар шакли осоишта ва дипломатӣ ба роҳ монда истодааст. Айни ҳол Тоҷикистонро қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон чун як кишвари сулҳхоҳу инсондӯст мешиносанду аксарияти онҳо расман эътироф кардаанд, ки ҳамааш аз саҳмгузориҳои дипломатонаи роҳбари хирадманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар охир, баҳри фарорасии ҷашни Ғалаба, яъне рӯзи 9 май бо қайди суханҳои олӣ ва табрикоти Пешвои муаззами миллат тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро муборакбод мегӯем: «Дар ин лаҳзаҳои идона ин санаи таърихиро ба ҳамаи собиқадорони ҷангу меҳнат, ки дар набардҳои шадиди ин ҷанг мардонавор ширкат карда, барои таъмин намудани пирӯзӣ бар фашизм саҳми арзанда гузоштаанд, инчунин, ба тамоми мардуми сулҳхоҳи кишвари маҳбубамон самимона табрик мегӯям ва ба ҳар хонадони мамлакат фазои орому осуда, хонаи обод ва ба Тоҷикистони азизамон сулҳу суботи ҷовидонӣ орзу менамоям».



**Худойдод ҚОДИРҚУЛОВ**
**донишҷӯи соли 2**




# МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР – МУҲИМТАРИН РУКНИ ҶОМЕА



**Муҳаммадсолеҳ ҚОДИРЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

**Мувофиқи моддаи 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд».**

Дар ҷомеаи имрӯза баъзе нафаронеро вохӯрдан мумкин аст, ки бо сабаби кам бархурдор будан аз тарбияи дурусти падару модар ва оила ба ҷамъият ва одамон зарари худро мерасонанд. Яъне, тарбияи падару модар ва тарбияи дурусти шахс дар оила аҳамияти муҳим доранд. Шахсе, ки аз хурдӣ таълиму тарбия ва савод нагирифтааст, дар зиндагӣ дучори мушкилот ва монеаҳо мегардад. Шахси бесавод ва орӣ аз тарбия ба монанди кӯрест, ки пеши худро намебинад ва ӯро эҳтимоли сари ҳар қадам афтодан таҳдид мекунад. Яъне шахси бидуни дониш ба монанди гумроҳест, ки чи кор карданашро намедонад, кори некро аз бад фарқ намекунад. Ин гуна ашхос ба ҷамъият ба ҷуз зарару зиён дигар суде намеоранд. Ин гуна ашхос барои манфиат ва ғаразҳои шахсии худ ба ҳар кор қодиранд. Ҳатто онҳо барои манфиатҳои моддиашон ба ҷиноят низ даст мезананд, ки таассуфовар аст. Аксарияти ҷиноятҳои дуздӣ, ғоратгарӣ ва ҳатто одамкушӣ натиҷаи амалҳои нодурусти чунин нафарон аст. Яъне дуруст нагирифтани тарбия сабаб мегардад, ки инсон боқимондаи умри хешро пушти панҷараи зиндон мегузаронад. Маҳз дар чунин ҳолат муҳим будани таълиму тарбияи фарзанд барои ҳар як нафари худогоҳ аён мегардад.

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ – оила, мактаб ва ҷомеа рӯҳу равони воқеӣ пайдо мекунад. Аммо, ба ин се ниҳод муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар натиҷаи раванди ҷаҳонишавӣ вусъати азиме пайдо кардааст, таъсири зиёд мерасонанд. Равандҳои ҷаҳонишавӣ аз ҳар як ниҳоди иҷтимоӣ – оила, мактаб ва ҷомеа талаб мекунанд, ки дар тарбияи фарзанд аз рӯи масъулият кор бигиранд. Инро ба назар гирифта, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 2-юми августи соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул шуд. Маҳз ин Қонун имкон фароҳам овард, то баъзе парокандагиҳои ҷойдоштаи иҷтимоии замони ҳозираро ба эътидол оварем.

Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Хулоса, ҳам Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ҳам Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як падару модарро вазифадор мекунанд, ки дар таълиму тарбияи фарзанди хеш бетараф набошанд. Гузаштагони мо беҳуда нагуфтаанд, ки “ҷав кори ҷав мегирӣ, гандум корӣ гандум”. Ба ин маъно агар падару модар фарзандашонро дуруст тарбият диҳанду барои онҳо вақт ҷудо кунанд ва нисбат ба онҳо беаҳамиятӣ зоҳир накунанд, дар оянда роҳаташро мебинанд. Ин гуна фарзандон дар оянда таҳсил ва соҳиби илм гардида, ба мақому мартабаҳои баланд мерасанд ва боиси ифтихори волидайн мешаванд. Дар фароварди сухан гуфтаниям, ки ҷав корида гандумро интизор шудан кори хирадмандон нест.

# ҶАВОНОН – ПАЙРАВИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**Хизмати содиқона кардан ба Ватан - модар, ҳифз намудани марзу буми он ва хушёр будан дар ҳимояи манфиатҳои давлату миллат қарзи фарзандии ҳар як ҷавони бонангу номус ва далеру қавиирода мебошад.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**

## БОВАРӢ БА НАСЛИ ҶАВОНИ КИШВАР

Вокеан, накши чавонон дар татбиқи сиёсати хирадмандонаю сулҳҷӯёнаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи хосаро ишғол менамояд. Ҷавонони имрӯзаи Тоҷикистон қисми комилхуқуқи чомеаи чаҳонӣ буда, ба равандҳои глобалии иктисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии чаҳон ҳамбастагии ногусастанӣ доранд.

Таҷрибаи чаҳонии солҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо он кишварҳое ба дастовардҳои сиёсӣ ва иктисодӣ ноил мегарданд, ки ба чавонон таваччуҳи бештар зоҳир намуда, онҳоро ба сохторҳои дахлдори давлатӣ, алалхусус сиёсати кишвар сафарбар менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки саъю талош бар ҳамқадами замон буданро дорад ва тақрибан 70 фисади аҳолиашро чавонон ташкил медиҳанд, ин масъаларо нисбатан барвақтар дарк намуда, баҳри рушди босуръати худ чун як давлати мустакил, чавононро ҳамчун неруи боэътимоди пешбарандаи сиёсати кишвар пазируфтааст.

## ҲАФЗИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ– ВАЗИФАИ ҶАВОНОН

Ҷавонон бояд аз ҳама кишрҳои чомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд. Рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро хифз кунанд, дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуми чаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд

**Равшан аст, ки иштироки омма, аз чумла чавонон дар идоракунии давлат яке аз шартҳои муҳими давлати демократист. Сиёсати давлатии чавонон дар Тоҷикистон бо кому пайкори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад. Зеро ин сиёсат маҳз аз тарафи Пешвои миллат эълон ва роҳандозӣ гардидааст .**

## РӮЗИ ШОДМОНӢ БАРОИ ҶАВОНОН

Бо дастгирии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон саҳифаи тозае дар таърихи навин боз шудааст, ки он 23-юми май Рӯзи чавонон мебошад. Таҷлили рӯзи чавонони Тоҷикистон на танҳо шодию хурсандӣ ва тарабу фараҳмандист, балки натиҷагирии кору пайкори чавонони кишвар дар чодаи бунёдкориҳо, ободонии Ватан ва кӯмаку ҳамдастии гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи насли чавон мебошад. Ба ин маънӣ кишвари азизи соҳибистиқлоли мо, ки дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор дорад, ба донишу неруи созандаи мо чавонон, умед бастааст. Чунки чавонон дар шароити кунунӣ ба вокеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии чаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди чомеаи шаҳрвандӣ сахми ҳалкунанда гузошта метавонанд. Мо бояд ба тамоми ҳастӣ дарк намоем, ки барои устувор намудани пояҳои истиқлолияти миллӣ ва бунёди давлати пуриктидори демократӣ, тақдири ояндаи миллат, амнияту оромии кишвар ва эҳёи дурахшонтарин арзишҳои тамаддуни бузурги ниёгонамон масъулияти бузурге бар дӯш дорем.

## ДАСТГИРӢ ВА ТАРБИЯИ НАСЛИ ҶАВОН

Ғамхории Пешвои миллат нисбат ба мо чавонон, рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст. Шароитҳои беҳтарин дар ҳар як донишгоҳу донишкадаҳо ва омӯзишгоҳҳову коллеҷҳо фароҳам шудааст. Ҷавонон имкон доранд, ки дар донишгоҳҳои олии мамлакат ва ё дар хориҷ таҳсили илм намоянд.

Хулоса имрӯз, ки ҷумҳурии соҳибистиклоламон Тоҷикистон дар роҳи сохтани чомеаи демократии ҳукукбунёд ва дунявӣ қарор дорад, тарбияи ватанпарастии чавонон, ягона роҳе мебошад, ки дар роҳи расидан ба ин мақсад моро кумак мекунад.



**Ҷаҳоноро ДАВЛАТОВА**
**донишҷӯи соли 1**

## ҶОВИДОН БОД ҶАВОНӢ ВА ҶАВОНОН!!!

